ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «ПАЖУҲИШГОҲИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ»

# ТАЪСИРИ ПАНДЕМИЯ КОВИД -19 БА ОИЛАҲО ВА КӮДАКОНИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ

## ҲИСОБОТ ОИД БА НАТИҶАИ ТАҲҚИҚОТ

ДУШАНБЕ 2022

**ИҶРОКУНАНДАГОН:**

**Махмадбекзода М.Ш., н.и. с., - Директори Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"**

**Раимдодов У.С., н.и.и., - Мудири шуъбаи танзими масъалаҳои муҳоҷират Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"**

# МУНДАРИЧА

1Ихтисорот…………………………………………………………………………… 4
2.Резюме ………………………………………………………………………......................4
3. Муқаддима………………………………………………………………………………...5
4. Методология таҳқиқот………………………………………………………………….6
5. Таъсири пандемияи COVID-19 ба тамоюли муҳоҷирати меҳнатӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон……………………………………………………………………………….9
6. Натиҷаҳои таҳлили маълумот пурсиши анкетавӣ …………………………….......12
6.1. Тавсифномаи иҷтимоӣ -демографӣ………………………………………………12
6.2. Муҳити оилавӣ ва нигоҳбинии имконпазир…………………………………….15
6.3.Хизматрасонии заминавии тиббӣ…………………………………………………21
6.4.Таҳсилот ва дамгирӣ……………………………………………………………….24
6.5.Хизматрасониҳои ҳуқуқӣ…………………………………………………………..28
6.6. Чораҳои махсуси муҳофизат аз пандемияи COVID-19……………………………..31
7. Натиҷаҳои муҳокимаҳо дар фокус-гурӯҳҳо ………………………………………34
8. Хулосаҳои асосӣ ……………………………………………………………………37
9. Тавсияҳо ………………………………………………………………………………39
11. Замимаҳо ……………………………………………………………………………40

## 1.ИХТИСОРОТ

**ТУТ** –Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ

**ВМКБ** – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

**ББА** – Бунёди Байналмилалии Асъор

**ВММША ҶТ** – Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶТ -** Ҷумҳурии Тоҷикистон

**НТҶ-** Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

**ИЗМ** – Иҷозат барои зисти муваққатӣ

**ИМА -** Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

## 2. РЕЗЮМЕИ МУХТАССАР

Моҳи майи соли 2021 дар доираи лоиҳаи «Ҳифзи кӯдакони зери таъсири муҳоҷират қарордошта дар Ҷанубу шарқ, ҷануб ва Осиёи марказӣ" дар 10 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таҳқиқот гузаронида шуд.

Таҳқиқот бо кӯмаки техникии Иттиҳоди Аврупо ва Хазинаи Кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон аз ҷониби кормандони Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» гузаронида шуд.

Ба пурсиш 1100 нафар одамон фаро гирифта шуданд. Аз теъдоди умумӣ, бештари мусоҳибонро занон - 58,9% ташкил медиҳанд, 61,8% мусоҳибон синну соли меҳнатии аз 18 то 45-сола, 88,8 фоизи мусоҳибон аз рӯи мансубияти миллӣ тоҷик, 87,7 фоизи пурсишёфтагон оила доранд.Таҳқиқот нишон дод, ки сатҳи маълумоти пурсишёфтагон баланд намебошад. Фақат 34 фоизи мусоҳибон маълумоти касбӣ доранд. Пурсиш ошкор сохт, ки 50,1 фоизи мусоҳибон кӯдакони аз синни 10 то 17-сола , 0,4 фоизи пурсишёфтаҳо кӯдакони дорои маъюбият доранд.

Ҳисобот ифодакунандаи таҳлили оқибатҳои асосии иҷтимоӣ-иқтисодии муҳоҷирати меҳнатӣ дар давраи пандемияи КОВИД – 19 барои фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Дар ҳисобот диққати асосӣ ба дастрасии фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ ба таҳсилот, хизматрасонии тиббӣ, кӯмаки ҳуқуқӣ ва чорабиниҳои махсус дар давраи пандемия дода мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун асос барои муайянсозии амсилаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони осебпазир дар давраи пандемия истифода карда шаванд. Татбиқи маълумотҳои таҳлилии дар ҳамин таҳқиқот ҷамъоваришуда дар амалӣ намудани сиёсати ба беҳсозии шароити зиндагии оилаҳо ва фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ нигаронидашуда. Сохтори маълумоти ҷамъоваригардида дар доираи ин лоиҳа барои таҳқиқоти иловагии ба пайгирии сатҳи бо мурури замон тағйирёбанда ва осебпазирии кӯдакон ва барномаи расонидани кӯмак нигаронидашуда, ҳамчун асос бояд хизмат кунад.

Мушкилот зимни гузаронидани таҳқиқот: кӯдакони зиёди синну соли аз 15 то 18-сола дар деҳот ба муоширату розӣ намешуданд ва аз додани мусоҳиба саркашӣ мекарданд. Сабаб: ҳарос доштанд, ки мусоҳибагирандагон намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ мебошанд.

Маълумот ва афкори дар нашрияи мазкур дарҷшуда таҳти масъулияти муаллифон омода карда шудааст. Нуқтаи назари муаллифони пажӯҳиши мазкур мумкин аст, ки бо нуқтаи назар ё афкори Иттиҳоди Аврупо ва Хазинаи Кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон мутобиқат нанамояд.

Ҳамаи ҳуқуқҳо ҳифз гаштаанд. Ягон қисми нашрияи мазкурро таҷдид ё дар дигар шакл, бо назардошти шаклҳои электронӣ, механикӣ, воситаҳои суратнусхабардорӣ, сабт, дигар намудҳои системаи нигоҳдорӣ ва пешниҳод намудани маълумот ё истифода аз имкониятҳои дигар бе иҷозати хаттии ЮНИСЕФ мумкин нест.

Муаллифон аз дарёфти ҳамагуна тавзеҳот ва тавсияҳо роҷеъ ба масоили таҳқиқшаванда хушнуд мегарданд. Хоҳишмандем пешниҳодҳоро бо суроғаи зерин ирсол намоед: **umed_r64@inbox.ru**

## АРЗИ СИПОС

Мавод аз ҷониби гурӯҳи таҳқиқотӣ тахти роҳбарии директори Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ” Маҳмадбекзода М.Ш таҳия карда шудааст.

Муаллифони таҳқиқот ба кормандони Хазинаи Кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон менеҷери лоиҳа Комилова З. ва офитсер оид ба нақшагирӣ Яқубов П. миннатдории махсус баён мекунанд. Онҳо дар таҳқиқот ҳиссаи амиқ ва арзишманд гузоштаанд.

## 3.МУҚАДДИМА

Оид ба таъсири пандемияи COVID-19 ба иктисоди кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфтаанд:

«Дар натиҷаи паҳн шудани бемории сироятии коронавирус ва вобаста ба он, босуръат паст рафтани фаъолнокии иқтисодӣ ва афзоиши бесобиқаи бекорӣ вазъияти сайёра боз ҳам печида гардида, ба буҳрони бисёр шадиди иқтисодиву молиявӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ омад. Имрӯз дар дунё амалан давлат ва соҳае нест, ки аз таъсири буҳрон эмин монда бошад. Мувофиқи арзёбии коршиносони байналмилалӣ чунин буҳрони шадиду фарогир дар сад соли охир бори аввал ба миён омада, боиси таназзули ҷиддии иқтисодиёти ҷаҳон гардид”.

Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ) 11 марти соли 2020 авҷгирии нави коронавируси COVID-19-ро пандемияи глобалӣ номид. Тибқи маълумоти ТУТ, теъдоди беморони сироятёфта дар ҷаҳон беш аз 24 миллион нафарро ташкил додааст ва рӯ ба афзоиш аст. Дар Тоҷикистон теъдоди беморони аз пандемияи COVID-19 сироятёфта, тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Чумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати соли 2020 7708 нафар ва теъдоди фавтидагон 62 нафарро ташкил медиҳад.

Пандемия ҳамчун буҳрони иқтисодӣ метавонад ба таври номутаносиб ба қишрҳои алоҳидаи аҳолӣ таъсир расонад ва нобаробариро дар тавозуни муқаррарӣ афзоиш диҳад. Хавфи паҳншавии пандемияи COVID-19 метавонад ба гурӯҳҳои зерин бештар таъсири манфӣ дошта бошад:

- шахсони гирифтори бемориҳои музмин ва пиронсолон;
- ҷавонон, ки миёни онҳо сатҳи баланди бекорӣ мушоҳида карда мешавад.
- оилаҳо ва кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ.

Хавфи паст шудани сатҳи талабот ба неруи корӣ, ин гурӯҳро бештар осебпазир мегардонад; занон, низ бо сабаби қайдгардида, ба ҷуз аз баъзе ихтисосҳои дар вақти пандемия маъмул (ба монанди ҳамшираҳои шафқат) ба гурӯҳи осебпазир дохил мегарданд. Умуман, хавфи паҳншавии ин вабои аср сабаби коҳишёбии қисми зиёди ҷойҳои корӣ мегардад, бекорӣ меафзояд ва қисми камбизоати аҳолӣ гурӯҳи осебпазирро ташкил медиҳад. Дар давраи хавфи пандемия ҳиссаи хароҷоти хонаводаҳо барои антисептикҳо, ниқобҳо, воситаҳои гигиена ва дезинфексия, хароҷот барои доруворӣ дар касри буҷаи аксари оилаҳо меафзояд.

Пандемияи ҷаҳонии COVID-19 ва пайомадҳои манфии иқтисодӣ, тиббӣ ва маърифатии бо худ овардаи он, амалан ба тамоми ҷанбаҳои ҳаёти инсони имрӯза таъсир расониданд. Ин нахустин ҳолат мебошад, ки дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон карантини қатъӣ ва дигар маҳдудиятҳо бо мақсади аз байн бурдани сарзании ҳодисаҳои нав ҷорӣ гардида буданд. Тибқи маълумоти таҳлилгарони The Lancet Child & Adolescent Health[1], дар оғози пандемия дар 188 мамлакат мактабҳо ва боғчаҳои бачагона фаъолияти худро боздоштанд. Пандемияи COVID-19 ба зиёда аз 860 миллион нафар кӯдакон ва наврасон дар тамоми ҷаҳон таъсир расонид.

Оилаҳои кӯдакдор яке аз гурӯҳҳои аҳолӣ маҳсуб меёфтанд, ки онҳоро аз ҳама сахттар чораҳои маҳдудкунанда фаро гирифта буданд. Онҳо мутобиқшавии равониро ба вазъияти нав ва номуайянии ояндаро аз сар гузарониданд. Басташавии мактабҳо, боғчаҳои бачагона ва майдончаҳои кушоди бозӣ ва ихтисоршавии теъдоди маҳфилҳо ва дарсҳои иловагӣ, ба қашшоқшавии муҳити таҳсилотӣ ва хеле зиёд гардидани вақти холии кӯдакон оварда расониданд. Ба ғайр аз ин, дар алоқамандӣ бо чораҳои маҳдудкунанда, яку якбора робитаҳои иҷтимоӣ қатъ гардиданд, қоидаҳои муқаррарии зиндагӣ ва тартиботи рӯз тағйир ёфтанд, ки ҳамаи ин бешубҳа, барои рушд ва омӯзиши кӯдакон оқибатҳои бетаъхирро дар пай дорад.

Насли муосир аз ҷониби олимони Ғарб ҳамчун насли «дар сояи COVID-19 парваришёбанда» тавсиф дода шудааст, зеро ки мубориза бесобиқа бо пандемия барои ҳамроҳӣ намудани кӯдакӣ имкониятҳои камро мондааст. Муаллифони мафҳум даъват мекунанд: «Пандемия дар ниҳояти кор гузашта меравад, вале мо набояд роҳ диҳем, ки сояҳои он муайянсозии насли бутунро идома диҳанд ва ба тамоми насл таъсир расонанд».

Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) аз имкони пайдоиши «насли аздастрафта»[2]-и кӯдакон бар асари «таъсиргузории тӯлонӣ»-и пандемия ба таҳсилот, ғизо ва беҳбудии умумии онҳо ба ташвиш афтодааст. Барои кӯдакон номураттабиҳои вобаста ба пандемия дар кори хадамотҳои калидӣ ва афзоиши босуръати сатҳи камбизоатӣ хатари ҷиддӣ доранд, - гуфта мешавад дар ҳисоботи ин созмони байналмилалӣ.[3]

Мувофиқи суханони Директори иҷроияи ЮНИСЕФ Генриетта Форе, чун қоида дар ҳолати сироятёбӣ дар кӯдакон «аломатҳои сабук»-и беморӣ ба мушоҳида мерасанд. Зимнан, бар асари пандемия ба сокинони ҷавони Замин бештар сатҳи камбизоатӣ таҳдид мекунад. Тавре ки таҳлилгарон қайд мекунанд, басташавии мактабҳо ин ё он тавр ба 572 миллион нафар хонандагон (33%) дар 30 мамлакати ҷаҳон таъсир расонидааст.Дар ҳисобот инчунин гуфта мешавад, ки бар асари оқибатҳои пандемия то охири соли 2020 тахминан дар ҳафт миллион нафар кӯдакони то синни панҷсола аломатҳои бемадорӣ ё носерии сахт ташхис мегардад (афзоишёбӣ-14% нисбат ба соли 2019). Ин, тавре ки мутахассисон дар хавотиранд, метавонад ба беш аз 10 ҳазор ҳолатҳои иловагии фавти якмоҳаи кӯдакон асосан дар мамлакатҳои Африко ва Осиёи Шарқӣ оварда мерасонад.[4]

---

[1] Ҳисоботи The Lancet Child & Adolescent Health. соли 2020.

[2] Кӯдакони «насли барбодрафта» метавонанд бар асари пандемияи COVID-19, ки ба таҳсилот, озуқаворӣ ва вазъи саломатӣ сахт таъсир гузоштааст пайдо шаванд.

[3] https://sputnik-georgia.ru/world_society/20201119/250097022/Pandemiya-mozhet-sozdat-detey-poteryannogo-pokoleniya---YuNISEF-.htm

[4] Заявление исполнительный директор ЮНИСЕФ Генриетта Фор

Таъсири пандемияи КОВИД-19 ба таҳсили кӯдакон дар Тоҷикистон низ бетаъсир намонд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати нуфуси аҳолӣ яке аз ҷавонтарин давлатҳои дунё маҳсуб меёбад ва наздик 40% аҳолии онро кӯдакону наврасон ташкил мекунанд

Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”

## 4. МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот: Муайян намудани таъсири пандемияи КОВИД - 19 ба кӯдакон ва оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ.

Ҳамин таҳқиқот ба методологияи пурсиши теъдодӣ асос ёфта, таҳлили маълумотҳои моҳи июни соли 2021 дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷамънамуда маҳсуб меёбад. Барои гузаронидани таҳқиқот аз тарафи кормандони пажӯҳишгоҳ пурсишнома барои волидон, кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ ва саволнома барои гузаронидани фокус-гурӯҳҳо таҳия карда шуд. Барои ҷамъоварии маълумот кормандони лоиҳа аз методологияи барномаи «Activityinfo» истифода бурданд, ки он аз тарафи кормадони Хазинаи Кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон дар планшетҳои пажӯҳишгоҳ васл карда шуда буд. Воситаҳои зикргардида барои пурсиши оилаҳо ва фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ пешбинӣ карда шудаанд[5]. Гузаронидани пурсиш дар мувофиқа бо ҳукуматҳои маҳаллӣ сурат гирифт.

**Фарогирии ҷуғрофӣ**

Барои таҳқиқот бо назардошти ҳиссаи теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ ва теъдоди муҳоҷирони меҳнатии баргашта дар теъдоди умумии аҳолӣ, мавҷудияти бозорҳо дар шаҳрҳо ва муассисаҳои статсионарӣ барои кӯдакон дар шаҳри Душанбе, дар ҳар як минтақа, як шаҳр ва як ноҳияи деҳот интихоб гардиданд.




Минтақаҳо ба 5 гурӯҳ ҷудо карда шуданд:

1. **Минтақаи А.** – Вилояти Суғд. Барои таҳқиқот шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Мастчоҳ интихоб гардиданд.
2. **Минтақаи Б.** – Вилояти Хатлон. Барои таҳқиқот шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияи Панҷ интихоб гардиданд.

[5] Пурсишнома ва саволнома.

3. **Минтақаи С.** – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон. Барои таҳқиқот шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Ванҷ интихоб гардиданд.

4. **Минтақаи Д.** – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ. Барои таҳқиқот шаҳрҳои Ваҳдат, Ҳисор ва ноҳияи Нуробод интихоб гардиданд.

5. **Минтақаи Е.** – шаҳри Душанбе.

**Ҷадвали 1. Квотаи интихобӣ дар шаҳру ноҳияҳо**

| Район/город | Всего населения | Число вернувшихся из трудовой миграции | % вернувшихся из общего к-ва вернувшихся | Пропорциональная выборка (вернушихся) | Пропорциональная выборка (выехавшие) | Выборка из расчета 5% вернувшихся | Средняя трех методов | Окончательная выборка (выравненная) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ГБАО** | | | | | | | | |
| Вандж | 34100 | 882 | 4,6% | 46 | 42 | 44 | 44 | **65** |
| Хорог | 30300 | 1153 | 6,0% | 60 | 73 | 58 | 64 | **80** |
| **Районы Республиканского Подчинения** | | | | | | | | |
| Вахдат | 57600 | 2678 | 13,9% | 139 | 139 | 134 | 137 | **100** |
| Гиссар | 293900 | 2491 | 12,9% | 129 | 114 | 125 | 123 | **110** |
| Нурабад | 78300 | 528 | 2,7% | 27 | 63 | 26 | 39 | **55** |
| **Согдийская область** | | | | | | | | |
| Мастчох | 125300 | 860 | 4,5% | 45 | 22 | 43 | 36 | **50** |
| Худжанд | 181600 | 3838 | 19,9% | 199 | 175 | 192 | 189 | **180** |
| **Хатлонская область** | | | | | | | | |
| Бохтар | 110800 | 3036 | 15,8% | 158 | 170 | 152 | 160 | **140** |
| Кулоб | 208000 | 1941 | 10,1% | 101 | 92 | 97 | 97 | **110** |
| Пандж | 116800 | 1837 | 9,5% | 95 | 110 | 92 | 99 | **110** |
| Душанбе | 846400 | 2940 | 15,3% | 153 | 129 | 130 | 137 | **100** |
| | 2083100 | 19244 | 115% | **1153** | **1129** | **1092** | **1125** | **1100** |

Дар зинаи дуюм ҳаҷми интихоб (1100 нафар мусоҳиб) дар байни минтақаҳо тақсим карда шуд

**Ҷадвали 2. Маҳали гузаронидани мусоҳиба, минтақа**

| № б/т | Минтақаҳо | Шумораи мусоҳибон |
|---|---|---|
| 1. | ВМКБ | 145 |
| 2. | Вилояти Суғд | 230 |
| 3. | Вилояти Хатлон | 360 |
| 4. | НТҶ | 265 |
| 5 | Шаҳри Душанбе | 100 |
| **Ҳамагӣ:** | | **1100** |

Маҷмӯи интихобӣ дар тамоми 5 минтақаи ҷумҳурӣ тарзе тақсимбандӣ гардид, ки аз нигоҳи ҷуғрофӣ фарогири ҳудуди тамоми мамлакат мебошад, андозаи интихоб бо истифода аз маълумоти расмӣ оид ба теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ ва теъдоди муҳоҷирони меҳнатии баргашта ҳисоб карда шуда, интихоб мутобиқи мавқеъ тақсимбандӣ гардидааст ва ин тарзи таҳқиқот метавонад тафсири умумии вазъи кӯдакони муҳоҷирони меҳнатиро дар тамоми Тоҷикистон диҳад.Андозаи интихоб 1100 нафарро ташкил мекунад.

Дар зинаи сеюм тақсимоти пурсидашавандагон бо назардошти баробарии гендерӣ

**Ҷадвали 3. Тавсифи мусоҳибон аз рӯйи аломатҳои ҷинсият**

| Ҷинс | ВМБК | Сугд | Хатлон | НТЧ | Душанбе. |
|---|---|---|---|---|---|
| Мард | 50 | 81 | 125 | 152 | 43 |
| Зан | 95 | 154 | 235 | 113 | 57 |
| **Всего** | **145** | **230** | **360** | **265** | **100** |

Барои ҷамъоварии иттилоот мусоҳибагарон – кормандони Хадамоти муҳоҷирати шаҳрҳо ва ноҳияҳои интихобгардида ва кормандони пажӯҳишгоҳ, ки таҷрибаи калон доранд ва пештар дар таҳқиқотҳои аз ҷониби Ташкилоти Байналмилалии Муҳоҷират (ТБМ) оид ба таъсири пандемия ба муҳоҷирони баргашта ширкат варзидаанд, ҷалб карда шуданд. Кормандони мазкур дар ҷамъоварии маълумот тавассути замимаи KoboCollect таҷрибаи ғанӣ доранд. Тамоми маълумотҳоро 22 нафар мусоҳибагар ҷамъоварӣ намудаанд. Мусоҳибагарон дар семинарҳои алоҳида бо давомнокии 8 соат аз тарафи кормандони Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» ва Хазинаи Кӯдакони СММ омӯзонида шуданд.

Манбаъҳои асосии иттилоот маълумотҳои кормандони Пажӯҳишгоҳ ба ҳисоб мераванд, ки тавассути пурсишҳои анкетавӣ ҷамъоварӣ карда шудаанд. Теъдоди нуқтаҳо барои ҷамъоварии иттилоот 11 ададро ташкил мекунад. Маълумотҳои пурсиш бо кӯмаки замимаи «Activitiinfo», ки аз ҷониби кормандони Хазинаи Кӯдакони СММ дар планшетҳои Пажӯҳишгоҳ насб гардидааст, ҷамъоварӣ карда шудаанд. Дар замимаи «Activitiinfo» амали сабти худкори пуркардаи пурсишҳои онлайнӣ мавҷуд аст, ки он мониторинги раванди ҳаррӯзаи маълумотҳоро мутобиқи нишондиҳандаҳои мақсаднок содда гардонид.

Мусоҳибагарон бо мақсади гузаронидани теъдоди талабгардидаи мусоҳибаҳо тибқи нақшаи пешбинишуда, аз ҳар як ноҳияи ҷудокардашуда дидан карданд. Оилаҳо ва кӯдакони муҳоҷирони меҳнатии шаҳру ноҳияҳо тибқи методи интихоби системавӣ хоста гирифта шуданд. Мусоҳибгар аз нуқтаи асосӣ ҳар як хонаводаи 5-умро дидан кард (давомнокии корҳои саҳроӣ = теъдоди умумии хонаводаҳо/интихобӣ). Кормандони лоиҳа бо мақсади таъмин намудани сифати баланду имконпазири маълумотҳо, ҳам дар давраи ҷамъоварӣ ва ҳам баъди ҷамъоварӣ маълумотҳоро ба таври ҷиддӣ пайгирӣ мекарданд.

Машваратчиён-масъулини ташкили ҷамъоварии маълумот дар гурӯҳи ноҳияҳои худ, рафти гузаронидани мусоҳибаҳо ва иҷрои супоришҳои нақшавӣ, инчунин сифати пуркунии пурсишномаҳоро аз ҷониби мусоҳибагарон тафтиш мекарданд, инчунин мушкилоту муаммоҳои дар рафти кор пешорӯйи мусоҳибагарон омадаро ҳаллу фасл намуданд.

| Ҷадвали 4. Тавсифи умумии мусоҳибон | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Минтақаҳо** | **Опрос** | | | | **Ҳамагӣ пурсиш ёфтаанд** |
| | **Пурсиши волидон бо кӯдакони то 14-сола** | **Пурсиши кӯдакони 14-18-сола** | **Баҳсу мунозираҳои фокус- гурӯҳӣ** | | |
| ВМБК | 107 | 38 | | | 145 |
| Суғд | 172 | 58 | 10 | | 240 |
| Хатлон | 268 | 92 | 10 | | 370 |
| НТЧ | 197 | 68 | | | 265 |
| Душанбе | 74 | 26 | 20 | | 120 |
| **Всего** | **818** | **282** | **40** | | **1140** |

## 5. ТАЪСИРИ ПАНДЕМИЯИ COVID-19 БА МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИ

Пандемияи коронавирус дар тамоми ҷаҳон ба захираҳои меҳнатӣ зарбаи ҷиддӣ расонид: муҳоҷирони меҳнатӣ бе кор монданд ва бар асари сарҳадҳои басташуда ба ватан баргашта наметавонанд, инчунин вазъ бо он мутташшаниҷ мегардад, ки хориҷиён маҷбуранд дар маконҳои хурд бо зичии баланди одамон, ки хавфи сироятёбӣ аз COVID-19-ро афзоиш медиҳад, истиқомат кунанд. Тағйироти манфӣ дар иқтисод, соҳаи молия ва бахшҳои томи иқтисодиёт, ихтисори теъдоди азими коркунандаҳо, дар якҷоягӣ бо азнавташаккулёбии бозори меҳнат муҳоҷиронро рӯирост ошуфта гардонид, ҳаёти онҳоро тағйир дод ва ба ташкилёбии ситезаҷӯиҳои нави иҷтимоӣ оварда расонд.Дар айни замон муҳоҷирон дар Федератсияи Россия ва дигар давлатҳо дар муқоиса бо шаҳрвандони мамлакатҳои қабулкунанда дар вазъияти нисбатан осебпазир қарор доранд[6].Оқибатҳои иқтисодии бухрони бо COVID-19 алоқаманд, барои муҳоҷирони меҳнатӣ, инчунин тадбирҳои ҷавобии аз ҷониби ҳукуматҳо қабулгардида, вобаста ба мамлакат ва минтақаҳо тағйир меёбанд ва аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар шароити маҳдудшавии имконоти иқтисодӣ сатҳи талаботи умумӣ ба меҳнати муҳоҷирон дар баъзе соҳаҳо паст мегардад, дар дигар соҳаҳо бошад, баръакс боло меравад, ки ин ба соҳаи тандурустӣ ва корҳои мавсимии соҳаи кишоварзӣдахл дорад. Азбаски теъдоди зиёди ҷойҳои кории дар ин соҳаҳо пешниҳодшаванда, корҳои муваққатӣ, ғайрирасмӣ ва ҳифзнашавандаро дар назар доранд, дар чунин ҷойҳо пайгирӣ намудани оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии пандемияро барои муҳоҷирони меҳнатӣ махсусан муҳим аст, то ки масъалаҳои ба худ хоси онҳо ҳаллу фасл карда шаванд ва ҳуқуқҳои онҳо ҳимоя гарданд.Ин ба қонеъ гардонидани талаботи бозори

меҳнат ҳам дар давраи кӯтоҳмуддат ва ҳам дар ояндаи дарозмуддат мусоидат менамояд[7].

Дар Тоҷикистон муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз падидаҳое мебошад, ки паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад ва ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар таъсир мерасонад. Вазъи имрӯзаи иҷтимоию иқтисодии кишварро бе муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа тасаввур намудан номумкин аст, ё онро ҳамчун масъалае бояд баррасӣ намоем, ки ба зиндагии қисмати зиёди оилаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири амиқ мерасонад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа ба омиле табдил ёфтааст, ки ба низоми таъмини зиндагии шумораи зиёди оилаҳо дар Тоҷикистон таъсир мерасонад. Дар баробари ин зуҳуроти мазкур ҳам паёмади мусбат ва ҳам манфӣ дорад.

Асосан муҳоҷирати меҳнатӣ хусусияти мавсимӣ ва синнусолӣ дорад, зеро дар Тоҷикистон аз рӯйи анъана робитаҳои оилавӣ устуворанд. Аксарияти муҳоҷирони меҳнатӣ меҳнат кардан дар хориҷи кишварро чун чораи муваққатии ҳалли проблемаҳои молиявӣ медонанд.Дар натиҷаи оқибатҳои иқтисодии пандемияи коронавирус даҳҳо ҳазор муҳоҷирон на фақат дар ҳудуди Россия, балки дар мамлакатҳои зисти доимии худ аз ҷойҳоикорӣ маҳрум гардиданд.

**Ҷадвали 5.Теъдоди муҳоҷирони меҳнатии аз Ҷумҳурии Тоҷикистон рафта (ҳазор нафар)**

| № б/т | Минтақаҳо | соли 2019 | соли2020 | Суръати пастшавии муҳоҷират дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 |
|---|---|---|---|---|
| 1. | ВМКБ | 32163 | 7755 | 75% |
| 2. | Вилояти Хатлон | 207003 | 55353 | 73% |
| 3. | Вилояти Суғд | 113029 | 35819 | 68% |
| 4 | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 109185 | 27659 | 74,6% |
| 5. | Шаҳри Душанбе | 19641 | 3221 | 83,6% |
| **Дар ҷумҳурӣ** | | **481021** | **129807** | **73,1%** |

*Манбаъ: Ҳисоботҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2019 – 2020).*

Аз рӯйи маълумотҳои мавҷуда (Ҷадвали 1), теъдоди муҳоҷирони меҳнатии ба хориҷарафта дар соли 2020 дар муқоиса бо соли 2019 кам гардидааст: ВМКБ ба 24408 нафар ё беш аз 3 баробар; вилояти Хатлон - 151650 нафар ё 2,7 баробар; вилояти Суғд – 77210 нафар ё 2 баробар, НТҶ - 81526 нафар ё 2,9 баробар; шаҳри Душанбе ба 16420 нафар ё худ 5 баробар. Ҳамин тариқ, камшавии аз ҳама бештари муҳроҷирони меҳнатӣ аз рӯйи минтақаҳои ҷумҳурӣ дар ВМКБ, НТҶ ва шаҳри Душанбе мушоҳида мегардад.

Ҳукумати Федератсияи Россия бо сабаби якбора авҷ гирифтани сирояти коронавирус аз 27.03.2020 дар ҳудуди Россия тадбирҳои карантинӣ ва қоидаҳои худҷудонигаҳдорӣ ҷорӣ намуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо сабаби таҳдиди коронавирус ҳамчун тадбирҳои ҳифозатӣ аз 21 март тамоми фурудгоҳҳоро

[7]Аналитическая записка МОТ: Как защитить трудовых мигрантов в условиях пандемии COVID-19. 17 04.2020.

баст ва бо Россия ва дигар давлатҳо фаъолияти хатсайрҳои мунтазами алоқаи ҳавоӣ, роҳи оҳан ва автомобилиро пурра боздошт. Тадбирҳои татбиқгардида ба коҳишёбии раванди рафтани шаҳрвандони қобили меҳнати ҷумҳурӣ ба Россия ҷиҳати дарёфти музди меҳнат таъсир расониданд. Дар давраи пандемия қариб 350,1 ҳазор нафар шаҳрвандони қобили меҳнат натавонистанд барои кори муваққатӣ ба хориҷа раванд.

**Ҷадвали 6. Теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ аз рӯйи аломати гендерӣ**

| Минтақаҳо | соли 2019 | | соли 2020 | |
|---|---|---|---|---|
| | Мардон | Занон | Мардон | Занон |
| **ВМКБ** | 26932 | 5231 | 6736 | 1019 |
| **Вилояти Хатлон** | 181427 | 25576 | 50493 | 4860 |
| **Вилояти Суғд** | 94214 | 18815 | 28248 | 7571 |
| **НТҶ** | 94982 | 14202 | 24851 | 2808 |
| **Шаҳри Душанбе** | 15595 | 4074 | 2599 | 622 |
| **Дар ҷумҳурӣ** | **413150** | **67871** | **112927** | **16880** |

*Манбаъ: Ҳисоботҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2019 – 2020).*

Таҳлили маълумоти оморӣ (Ҷадвали 2) нишон медиҳад, ки дар соли 2020 дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2019 теъдоди муҳоҷирони меҳнатии рафта тибқи аломати гендерӣ дар минтақаҳо кам шудааст: ВМКБ – мардон ба 20196 нафар ё худ ба 2,9 баробар, занон 4212 нафар, яъне 4 баробар; вилояти Хатлон – мардон 130934 нафар - 2,5 баробар, занон 20716 нафар -4,2 баробар; вилояти Суғд – мардон 65966 нафар - 2,3 баробар, занон 11244 нафар - 1,4 баробар; НТҶ– мардон 70132 нафар- 2,8 баробар,занон- 11394 нафар -4 баробар;шаҳри Душанбе – мардон 12996 нафар - 5 баробар, занон 3452 нафар -5,5 баробар. Камшавии аз ҳама зиёди теъдоди мардони ба муҳоҷирати меҳнатӣ мерафта дар ВМКБ, НТҶ ва шаҳри Душанбе,занон дар ВМКБ, вилояти Хатлон, шаҳри Душанбе ва НТҶ ба мушоҳида мерасад.

Дар маҷмӯъ дар ҷумҳурӣ теъдоди мардони ба муҳоҷирати меҳнатӣ мерафта 300025 нафар - 2,6 баробар ва занон 51018 нафар ё худ 3 баробар кам гардидааст.
Коҳишёбии чунин ҳиссаи калони мардон дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ барои таркиби иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ оқибатҳои манфӣ дорад, пайдо накардани ҷои кор сафи бекоронро пур мекарданд ва боиси баланд гардидани сатҳи бекорӣ мешавад. Бидуни меҳнати арзанда ва воситаҳои рӯзгузаронӣ, муҳоҷирони баргашта барои аъзои боқимондаи коркунандаи оила бори иловагӣ мегарданд ва ба онҳо лозим меояд бештар кор кунанд, то ки оила ва худи муҳоҷирро бихӯронанд.

Басташудани сарҳадҳо бо сабаби пандемияи COVID-19 ва роҳандозӣ гардидани тадбирҳои маҷбурии худнигаҳдории сартосарӣ, ба вазъи муҳоҷирони меҳнатии аз Тоҷикистон дар Федератсияи Россия қарордошта таъсири хеле манфӣ расонд. Бисёре аз зодагони Тоҷикистон, новобаста ба ҳолати шаҳрвандии худ, хоҳ шаҳрванди Федератсияи Россия ҳастанд, хоҳ шаҳрванди Тоҷикистон, зарари хеле калони моддӣ ва маънавӣ диданд. Бисёре аз онҳо ҳатто бо чиптаи харидаи тайёравии худ натавонистанд аз Россия ба Тоҷикистон парвоз кунанд. Бисёриҳо ҳанӯз ҳам дар як ҳолати номуайян қарор доранд.

Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ сарчашмаи муҳими даромадҳо барои иқтисоди Тоҷикистон мебошад. Тибқи маълумоти Бонки марказии Россия, дар моҳҳои

январ-март соли 2020  маблағи умумии ба Тоҷикистон интиқолдодаи шахсони воқеӣ 359 миллион доллари америкоиро ташкил медод, ки ин нисбат ба нишондиҳандаи соли гузашта 55,7% камтар мебошад. Дар ҳамин давраи соли гузашта, ба мамлакат аз Россия баробари 644 миллион доллари америкоӣ маблағ интиқол ёфта буд[8]. Таркиби асъории маблағҳои аз Россия ба Тоҷикистон интиқолёфтаро рубли ФР (83%), доллари ИМА (16%) ва ЕВРО (0,1%) ташкил медиҳад.

Бояд дар мадди назар дошт, ки чӣ қадар маблағе, ки бо асъори хориҷӣ аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ ворид нашуда бошад, ҳаҷми он чун қоида аз ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолкарда ва хизматрасониҳои пулакии муҳоҷирон дар мамлакати будубоши онҳо камтар мебошад. Муҳоҷирони дар хориҷа коркунанда дар рушди мамлакатҳои дигар саҳми бузург мегузоранд. Барои ҳамин, ҳиссаи меҳнатии онҳо ҳамеша аз маҷмӯи маблағҳои интиқолдодаи онҳо чандин баробар бештар мебошад.

# 6.НАТИҶАҲОИ ТАҲЛИЛИ МАЪЛУМОТҲОИ ПУРСИШИ АНКЕТАВИ.

## 6.1.Тавсифномаи иҷтимоӣ – демографӣ

Муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа ба омиле табдил ёфтааст, ки ба низоми таъмини зиндагии шумораи зиёди оилаҳо дар Тоҷикистон таъсир мерасонад. Вазъи имрӯзаи иҷтимоию иқтисоди кишварро бе муҳоҷирати меҳнатӣ тасаввур кардан номумкин аст. Он зуҳуроти аз ҳама азим дар давраи воридшавии Тоҷикистон ба асри XXI аст. Дар шароити имрӯза муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа омилест, ки ба низоми таъминоти зиндагии қисмати ниҳоят зиёди оилаҳо дар Тоҷикистон таъсири назаррас мерасонад.




Ба пурсиши анкетавӣ 1100 нафар фаро гирифта шуда буданд, 282 нафар кӯдакони синну соли аз 15 то 18 ва волидони кӯдакон- 818 нафар. Аз ҷумла, аз Душанбе - 100 нафар (9 %), НТҶ - 265 нафар (25%), вилояти Суғд  - 230 нафар (20,9%), вилояти Хатлон - 360 нафар (32,7%), ВМКБ – 145 (13,1%)нафар. Аз шумораи умумии мусоҳибон аксариятро занҳо 58,9% ташкил медиҳанд, мардон - 41,1%, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ дар давраи пандемия ба ватан баргаштаанд. Аз теъдоди умумии пурсишёфтагони минтақаҳои ҷумҳурӣ бештари занони пурсишёфтаро аз вилояти Хатлон- 65,2% ва мардонро НТЧ 57,3% ташкил медиҳанд.

[8] Маълумоти Бонки марказии Россия. соли  2020.




Чунон ки аз пурсиш маълум мегардад, аксарияти мусоҳибон аз рӯи мансубияти миллӣ: тоҷикон – 88,8%, ӯзбекҳо-10,5%, русҳо- 4%, 4%-ро тоторҳо ва дигар миллатҳо ташкил медиҳанд.




Аз шумораи пурсидашудагон қисмати зиёдро шахсони аз 25 то 40-сола -55,6 %, ташкил медиҳанд, аз 17 то 25-сола – 6,3%, аз 40 то 55 сола -25,7%, аз 55 боло-12,6% ташкил медиҳад. Яъне, аксарияти пурсидашудагон аҳолии сину соли ҷавон ва миёна ҳастанд.




Аз шумораи пурсидашудагон қисмати асосии оиладоранд – 87,7%, бева -5,4%, аз оила ҷудошуда -5,1% ва муҷаррад /бешаҳвар -1,8% ташкил медиҳад.




Аз шумораи пурсидашудагон 31,2% соҳиби таҳсилоти миёнаанд,15,8% маълумоти олӣ, 13,4% таҳсилоти миёнаи касбӣ, 10,5% миёнаи нопурра(синфи 9), 8,1% -таҳсилоти ибтидоии касбӣ, 8,4% дараҷаи бакалавр,3.8% -дараҷаи магистр, 2,0% курсҳои кутоҳмудатро тамом карданд, 0.4%-номзади илм ва 3,2%-тамоман маълумот надоранд ташкил медиҳад. Маълумотҳои дастрасгардида сатҳи начандон баланди касбияти мусоҳибон гувоҳи медиҳад.

## Чадвали 7. Синну соли фарзандон

| Гурӯҳи Синнусолӣ | Теъдод | Чинс | | Кӯдакони дорои маъюбият | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Писар | Духтар | Писар | Духтар |
| То 1 – сола | 123 | 68 | 50 | 3 | 2 |
| 1-4 – сола | 199 | 100 | 90 | 4 | 5 |
| 5-9 – сола | 238 | 120 | 106 | 8 | 4 |
| 10-13 - сола | 268 | 140 | 112 | 11 | 5 |
| 14-18 – сола | 282 | 166 | 100 | 7 | 9 |
| Хамаги | 1100 | 594 | 458 | 34 | 25 |

Пурсиш нишон дод, ки аксарияи мусоҳибон дар хонаводи худ кӯдакони то синни 18 -сола доранд. Кӯдакони то 1- сола -11,2% ( писар-6.4%, духтар-4.8%), кӯдакони аз синни 1 то 4- сола -18%( писар- 9,2%, духтарон- 8,8%), кӯдакони синну соли аз 10-13 -сола-24,1% (писар -13,4%,духтар -10,7%), кӯдакони синну соли аз 14 то 17-сола -25% ( писар-16,2%, духтар-8,8 %) ташкил медиҳад. Аз рӯи маълумоти волидайни пурсидашуда 0,4% волидон дар оилаҳо кӯдакони дорои маъюбиятро тарбия мекунанд Синну соли бештари кӯдакони дорои маъюбият аз 9 то 17 – соларо дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, қисми зиёди кӯдакони дорои маъюбият дар синну соли томактабӣ қарор доранд. Қариб нисфи волидайн (49,3%) далелеро қайд карданд, ки кӯдакони дорои маъюбияти синну соли мактабии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мехонанд. Ба ғайр аз ин, 38,7% - и респондентҳо қайд карданд, ки кӯдакони онҳо дар курсҳои махсусгардонидавшуда барои кӯдакони дорои маъюбият таҳсил мекунанд.

## 6.2.МУҲИТИ ОИЛАВӢ ВА НИГОҲУБИНИИ ИМКОНПАЗИР

Муҳоҷирати меҳнатӣ нақши тағйирдиҳандаи худро дар тарзи зиндагии оилавӣ-маишии ҷомеаи тоҷик мегузорад. Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии занони муҳоҷирон дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ин гурӯҳи иҷтимоӣ ба як қатор проблемаҳои муайяни вобаста бо ҳузур надоштани шавҳарҳои худ дучор мегарданд. Муҳоҷирати меҳнатии волидон инчунин ба вазъи иҷтимоӣ-равонии фарзандони дар Тоҷикистон мондаи онҳо низ таъсиргузор мебошад. Давоми солҳои охир дар Тоҷикистон талоқҳо аз тариқи СМС-ҳо паҳн гардида истодаанд. Мардони дар муҳоҷирати меҳнатии давлати қабулкунанда қарордошта ба занони худ бо се калимаи «талоқ» СМС-паёмакҳо ирсол мекунанд, ки он маънои «озод ҳастӣ»-ро дорад. Дар натиҷа зан бидуни мурофиаи судӣ, чун қоида бе ҳимоя гардида, ба хонаи волидони худ бармегардад. Дар чунин ҳолатҳо аз ҳама бештар фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ, ки аз парастории падари худ маҳрум мегарданд, азоб мекашанд.




Пурсиш нишон дод, ки 35,4 фоизи оилаҳои муҳоҷирон фарзандони худро таҳти нигоҳубини хешовандони худ гузоштанд. Инҳо асосан фарзандони оилаҳои нопурра-12,3% ва 23,1% фарзандони оилаҳое мебошанд, ки ҳам падару ҳам модарашон барои

ҳаллу фаслу мушкилоти иқтисодии оила  дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд.  64,6 фоизи  пурсишёфтаҳо фарзандони худро таҳти нигоҳубини хешовандони худ нагузоштанд ва онҳо чунин мешуморанд, ки фарзандон бояд дар доираи оила тарбия гиранд. Фарзандони оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ гурӯҳи нави хатарзо мегарданд, чунки онҳо бе маҳбубият ва тарбияти волидон ба воя мерасанд ва бештар таҳти таъсири кӯча қарор мегиранд ва аз нигоҳи иҷтимоӣ-равонӣ, ахлоқӣ ва тарбиявӣ дучори табъизанд.




Оилаҳои муҳоҷирон вазъи молиявии худро бар асари набудани кор ва сатҳи пасти музди меҳнати сардори оила то ба хориҷа барои кор рафтан чунин баҳогузорӣ намуданд: миёна-57,9%, хуб-17,9%, вазнин-23,7%, хеле вазнин-0,5%.




Тавре ки аз натиҷаҳои пурсиш ба мушоҳида мерасад, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии бештари фарзандон-57,6%  дар натиҷаи муҳоҷирати меҳнатии волидонашон хуб шудааст, вазъи 31,5%- андаке бад шудааст, 7,5% - бад шудааст ва вазъи 3,4 фоизи фарзандон хеле бад шудааст. Бадшавии вазъ дар оилаҳое мушоҳида мегардад, ки муҳоҷирон дар давраи пандемия кори худро аз даст додаанд, инчунин дар оилаҳое, ки муҳоҷиронашон ба муддати тӯлонӣ маблағро ба оилаҳояшон интиқол надоданд




Бештари мусоҳибон 64,1% бар асари басташавии сарҳадҳо ва мавҷуд набудани сархатҳои нақлиёти роҳи оҳан ва нақлиёти автомобилӣ ба хонаҳояшон баргашта натавонистанд, фақат ба 35,9 фоизи мусоҳибон муяссар шудааст, ки ба хона баргарданд.




Теъдоди асосии муҳоҷирон 88,6% ба оилаҳои худ маблағҳои пулиро ирсол кардаанд, 11,4 фоизи муҳоҷирон ҷавоб доданд, ки ирсол накарданд. Маблағҳои дар давраи пандемия интиқолёфта асосан барои харидорӣ намудани маводи озуқаворӣ, ашёҳои ниёзи аввалия, харидории доруворӣ, маводи дизенфиксионии дастҳо ва ниқобҳо сарф карда шудаанд. Аз теъдоди онҳое, ки ба оилаҳои худ маблағҳои пулиро ирсол намудаанд, 51,7% ҷавоб доданд, ки як маротиба дар як моҳ ирсол мекарданд, 18%- ду маротиба дар як моҳ ва 12,3% ҷавоб доданд, ки баъзан ирсол менамуданд.




Маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба коҳишёбии зиёди ҳаҷм ва интиқоли худ дар вақтҳои охир нигоҳ накарда, дар даврони пандемия дар иқтисоди оилаҳо нақши зиддибуҳрониро мебозанд. 25 фоизи мусоҳибон қайд карданд, ки маблағҳои пасандозгардида ба онҳо барои рӯзгузаронии якмоҳа кӯмак расониданд, 25,4% қайд карданд, ки пасандозҳо ба онҳо ба муддати се моҳ кӯмак расониданд, 13,3%- қайд

намуданд, ки пасандозҳо барои 6 моҳ кифоят карданд. 35,4% мусоҳибон ҷавоб доданд, ки пасандоз надоштанд, барояшон рӯзгузаронӣ дар давраи пандемия мушкил буд ва онҳо ба дастгирии иҷтимоӣ ниёз доштанд.




Пурсиш нишон дод, ки дар давраи пандемия 50 фоизи мусоҳибон ҷойи кори худро дар давлати қабулкунанда аз даст доданд. Аз теъдоди мусоҳибони корашонро аздастдода 18,2% ба ватан баргаштанд, 15,5% баргаштанро дар нақша доранд, 13,3% нақшаи баргаштан надоранд. Қайд кардан зарур аст, ки дар Тоҷикистон эҳтимоли афзоишёбии зиёди теъдоди шахсони корҷӯ вуҷуд дорад, зеро ки ҷойи корро на фақат муҳоҷирони навакак баргашта, балки аъзоёни оилаҳои муҳоҷирон бар асари коҳишёбии сатҳи даромадҳои оилаҳо меҷӯянд.




Дар давраи пандемия 86,1 дар сад волидон ба фарзандони худ, ҳар вақте ки фарзандон мехостанд, аз хона баромаданро манъ карданд. 13.9 фоизи волидон ба фарзандони худ аз хона баромаданро иҷозат доданд. Аз онҳо 51,2 фоизи фарзандон зуд-зуд аз хона мебаромаданд, 20% -баъзан мебаромаданд,13,9% -кам-кам аз хона мебаромаданд, 0,5 фоизи волидон бошанд, ҷавоб доданд, ки намедонем бо кадом муҳлат фарзандонамонро баромадан мемондем.




Пурсиш нишон дод, ки 83,4 фоизи волидон бо мақсади таъмини бехатарии фарзандон дар давраи пандемия робитаи ҷисмонии онҳор бо дигар одамон маҳдуд карданд, 16,6 фоизи волидон бошанд, қайд намуданд, ки маҳдуд накарданд.




Таҳқиқот нишон дод, ки дар давраи пандемия 48,8% фарзандони мусоҳибон  ба маводи озуқаворӣ ва ашёи мавриди ниёзи аввалия эҳтиёҷ доштанд. Таҳлили нишондиҳандаҳо маълум кард, ки респондентон  маҷбур шуданд дар сатҳҳои гуногун истеъмоли ҳаҷми маводи озуқавориро ба кӯдакон  кам кунанд. 43 фоизи мусоҳибон қайд карданд, ки коҳишёбии интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ вазъи молиявии онҳоро бад гардонид ва онҳо маҷбур шуданд аз хешон ва дӯстон қарз

гиранд, 31,6% мусоҳибон дучори мушкилоти хусусияти равонию иҷтимоӣ дошта гардиданд, 31,3 фоизи пурсишёфтаҳо мушкилоти марбути бокортаъминкунии аъзоёни аз муҳоҷирати меҳнатӣ баргаштаи оилаҳоро қайд карданд, 25,3 фоизи пурсишёфтагон қайд намуданд, ки бар асари коҳишёбии интиқоли маблағҳо ва набудани ҷойи кор барои аъзоёни оилаҳо онҳо норасоии маблаҳро барои хариди доруворӣ, аз он ҷумла барои фарзандони маъюбашонро эҳсос карданд, 21,7 фоизи мусоҳибон зикр карданд, онҳо маблағе надоранд, ки қарзи бонкиро пардохт намоянд, 21 фоизи мусоҳибонро масъалаи солимии фарзандонашон ба ташвиш овардааст, 4,9 фоизи мусоҳибон бошанд, қайд карданд, ки онҳо дар давраи пандемия дар самти пардохти ҳаққи таҳсили фарзандонашон мушкилот доштанд.

Диограммаи 17.Хонаводаи Шумо ё ягон нафаре аз хонаводаи Шумо дар давраи пандемия кӯмакро (пул, маводи озуқаворӣ, доруворӣ, маҷмӯи гигиенӣ ва ғ.) дарёфт карда буд?






Тавре ки пурсиш нишон медиҳад, 41,4 фоизи хонаводаҳо дар давраи пандемия кӯмакҳои гуногун дарёфт кардаанд: 26,1 фоизи пурсидашудагон аз ҷониби давлат, 5,2%- аз созмонҳои ҷамъиятӣ, 10% аз шахсони воқеӣ кӯмак гирифтаанд. 58,6 фоизи хонаводаҳо умуман кӯмак нагирифтаанд. Аз теъдоди хонаводаҳои кӯмакгирифта 18 фоизашон маводи озуқаворӣ, 17,1%-кӯмаки пулӣ,10,6% воситаҳо барои пешгирии короновирус, 6,6%-доруворӣ, 5,5%-маводи профилактикӣ ва гигиенаи шахсӣ дарёфт намудаанд




Иттилоот оид ба расонидани кӯмакҳоро 23% мусоҳибон аз кормандони сохторҳои давлатӣ, 21,7% аз дӯстон ва хешовандон, 3,6% - аз шабакаҳои иҷтимоӣ ва 3,4 фоизи мусоҳибон аз воситаҳои ахбори омма дарёфт кардаанд.

Таҳқиқот нишон дод 12,3% оилаҳои нопура, 23,1% оилаҳое ки ҳам падару ҳам модарашон барои ҳаллу фаслу мушкилоти иқтисодии оила дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд фарзандони худро тахти нигоҳубини хешовандони худ гузоштанд, вазъи

иҷтимоӣ-иқтисодии бештари фарзандон-57,6% дар натиҷаи муҳоҷирати меҳнатии волидонашон хуб шудааст. Бештари мусоҳибон 64,1% бар асари басташавии сарҳадҳо ва мавҷуд набудани сархатҳои нақлиёти роҳи оҳан ва нақлиёти автомобилӣ ддар давраи пандемия ба хонаҳояшон баргашта натавонистанд, . 35,4% пасандоз надоштанд, барояшон рӯзгузаронӣ дар давраи пандемия мушкил буд ва онҳо ба дастгирии иҷтимоӣ ниёз доштанд,дар давраи пандемия 50 фоизи мусоҳибон ҷойи кори худро дар давлати қабулкунанда аз даст доданд. 48,8% оилаҳо ба маводи озуқаворӣ ва ашёи мавриди ниёзи аввалия эҳтиёҷ доштанд ва оилаҳо маҷбур шуданд дар сатҳҳои гуногун истеъмоли ҳаҷми маводи озуқавориро кам кунанд. Тавре ки пурсиш нишон медиҳад, бештари 26,1 фоизи хонаводаҳо кӯмакҳоро аз ҷониби давлат дарёфт карданд.

Бо мақсади пешгирии паҳншавии ин бемории сироятӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чораҳои фаврии пешгирикунанда андешида шуданд Аз ҷумла:

- Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус (КОВИД-19) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Ситоди ҷумҳуриявӣ) таҳти роҳбарии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, фаъолияти мунтазами он ба роҳ монда шуд;
- Нақшаи чорабиниҳои Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ дар давраи пандемияи срояти коронавируси КОВИД-2019 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ гардида, бо супориши Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон № 4/26-6 аз 1 апрели соли 2020 вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор шуданд, ки ҳамарӯза оид ба рафти иҷрои Нақшаи мазкур маълумоти мушаххас пешниҳод намоянд.
- Ҷиҳати пешгирӣ намудани паҳншавии бемории сироятии КОВИД-19 дар тамоми вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ситодҳои маҳаллӣ ва дохилиидоравӣ таъсис дода шуда, тавассути гурӯҳҳои корӣ ва воситаҳои ахбори оммаи чопиву электронӣ бо ҷалби мутахассисони соҳа корҳои таблиғотиву ташвиқотӣ ва фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шуд;
- Аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати омода намудани катҳои иловагӣ барои бистарӣ ва муолиҷа намудани гирифторони бемории сироятии КОВИД-19 дар муассисаҳои ғайритиббӣ ва ҷиҳозонидани онҳо бо таҷҳизоту маводи зарурии тиббӣ ва маишӣ тадбирҳо андешида шуданд;
- Дар ҳудуди ҷумҳурӣ назорати карантинӣ, низоми маҳдудияти чорабиниҳои оммавӣ, истифодаи ҳатмии ниқоби тиббӣ ва риояи фосилаи иҷтимоӣ ба роҳ монда шуда, дар маҳалҳои аҳолинишин, нақлиёти ҷамъиятии мусофиркаш, корхонаву муассисаҳо, аз ҷумла муассисаҳои таълимии томактабӣ ва миёнаи умумӣ бо истифода аз маводи безараркунанда пайваста корҳои санитарии профилактикӣ гузаронида шуданд;
- Бо қарори Ситоди ҷумҳуриявӣ аз 27 апрел то 16 августи соли 2020 хонандагон ба таътил рафтанд. Имтиҳонҳои аз синф ба синфгузаронӣ ва аттестатсияи хатми синфҳои 9 ва 11 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар асоси ҷамъбасти чорякҳо бе иштироки хонандагон сурат гирифт.

- Бо иқдоми ВМИ ҶТ дар ин давра ба хонандагони синфҳои 9-11 дарсҳои телевизионӣ ташкил шуд, зеро имрӯз шабакаҳои телевизионӣ дар тамоми кишвар дастрас аст ва хонандагон ҳамроҳи волидон метавонанд аз он истифода кунанд. Иқдоми мазкур ба таҳсили фосилавии кӯдакон мусоидат намуд. Дарсҳои фосилавӣ тавре омода мешаванд, ки хонандагон дар компютерҳои муқаррарӣ метавонанд аз он ҳамчун барномаи корӣ истифода кунанд.

- Бо мақсади ҳифзи саломатии аҳолӣ аз бемории сироятии КОВИД-19 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №83 аз 22 марти соли 2021 "Дар бораи гузаронидани иммунизатсия бар зидди бемории сироятии КОВИД-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва амалисозии он марҳила ба марҳила ба роҳ монда шуд.

-Тибқи қарори Хукумати Чумхурии Точикистон аз 11 июли соли 2020№401 "Оид ба тадбирҳои амалисозии фармони Президенти Чумҳурии Тоҷикистон" аз 5июни соли 2020 №1544 "Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии КОВИД-19 ба соҳаҳои ичтимоию иқтисодии Чумҳурии Тоҷикистон"ба оилаҳои камбизоат,кудакони маъюби синни 16 сола ва кӯдакони бесаробонмондаи муҳоҷирони меҳнатӣ кумакпулии яквакта ба маблағи 400 сомони ба хар як нафар пардохт карда шуд.

## 6.3.ХИЗМАТРАСОНИИ ЗАМИНАВИИ ТИББӢ

COVID-19 – касалии вазнини узвҳои нафаскашӣ мебошад, ки тавассути коронавируси инсон пайдо гардида, дар пайи худ сатҳи баланди фавти шахсони синну соли ≥60-соларо дорад, инчунин шахсоне, ки мубталои бемориҳои дилу гурда, бемориҳои давомдори зиққи нафас, диабети қанд ва саратон мебошанд.

Стресс, ки бар асари хавфи мубтало гардидан ба беморӣ сар мезанад, тавассути маҳдудиятҳои зарурӣ ва тағйироти тарзи зиндагӣ тақвият меёбад. Дар ин ҳолат оилаҳои фарзанддор мушкилоти махсусро аз сар мегузаронанд, зеро ки одатҳои муқаррарии зиндагӣ дарҳам мешикананд, аксари мавриднталаботҳои муътадили синнусолии кӯдакон ва наврасон маҳдуд карда мешаванд. Барои ҳифзи солимии равонии кӯдакон ва таъминишароити мусоиди рушди онҳо ба волидон зарур аст, ки ба вазият дуруст нишонагирӣ кунанд ва барои ташкили зиндагӣ ва муошират дар хона дар шароити нав, иқдоми муайян намоянд.

Дар кишвар барои табобати пурра ва саривақтии шахсони гирифтори бемории сироятии COVID-19 беш аз 30 беморхона бо 7000 кат ва 5400 нафар табибону кормандони тиббӣ сафарбар гардиданд. Илова бар ин, дар 92 муассисаи тиббӣ 16 ҳазор кат омода карда шуд.

Диограммаи 20.Оё ба Шумо аз муассисаи тиббӣ ё пешниҳодкунандаи хизматрасонии тиббӣ дар бораи фаҳмидани вазъи саломатии Шумо ва фарзандони Шумо занг зада буданд?




Пурсиш ошкор намуд, ки намояндагони муассисаҳои тиббӣ 83 фоизи оилаҳоро ҷиҳати

фаҳмидани вазъи саломатии аҳли хонаводаҳо хабар гирифтанд, 16,3 фоизи мусоҳибон қайд карданд, ки оилаҳои онҳоро кормандони тиббӣ хабар нагирифтанд. Хабаргирии оилаҳоро дар давраи пандемия асосан духтурҳои оилавӣ ва ҳамшираҳои шафқат анҷом медоданд




Пурсиш нишон дод, ки дар вақти пандемия 39 фоизи аъзоёни оилаҳо касал шуданд, 61 фоизи мусоҳибон ҷавоб доданд, ки касал нашудаанд.




Аз байни аъзоёни оилаҳо 39% ки касал шуданд дар давраи пандемия падарон - 28,5%, модарон- 8,5% ва фарзандон-2,0 ташкил медиҳад.




Дар давраи пандемия 25,7% мусоҳибон ҷиҳати дарёфти кӯмаки тиббӣ ба беморхона, 23,4% - ба духтури хонагӣ, 9,5% - ба дармонгоҳ 4,5% - ба духтури шахсӣ муроҷиат кардаанд, 2,5 фоизи мусоҳибон бошанд, ба ягон кас муроҷиат нанамудаанд.




Пурсиш муайян кард, ки 24,7% пурсидашудагон аз сифати кӯмаки тиббии дар давраи пандемия расонидашуда кормандони тиб қаноатманд ҳастанд, 11,4%- комилан қаноатманданд, 4,5 фоизи мусоҳибон бештар қаноатманд нестанд, 1,8 фоизи мусоҳибон бошанд, қайд намуданд, ки комилан аз сифати хизматрасонии кормандони муассисаҳои тиббӣ қаноатманд нестанд. Аз теъдоди онҳое, ки аз сифати кӯмаки тиббӣ ноқаноатмандии худро иброз доштанд, қайд карданд, ки онҳоро чунин ҳолатҳо қаноатманд намекунанд: набудани муассисаи тиббии соҳавӣ;муносибати дағалонаи ҳайати тиббӣ; маблағҷамкуниҳои зиёд; бекасбиятии духтурон.

Аз теъдоди пурсишёфтаҳо 45,6% қайд намуданд, ки дар давраи пандемия онҳо барои харидорӣ намудани доруворӣ 28,1% - то 500 сомонӣ,9,2 % -то 1000 сомонӣ, 4,1%- то 2000 сомонӣ,1,4% -то 3000 сомонӣ, 1,3 % -то 4000 сомонӣ, 1,5% то 5000 сомонӣ маблағ сарф карданд. 28,2% - ҷавоб доданд, ки ягон маблағро сарф нанамуданд, барои 25,2% ҷавоб додан ба ин савол душвор ҳаст.




Пурсиш ошкор сохт, ки 16,3% -пурсидашудагон дар давраи пандемия бар асари даромадҳои ками оила маҷбур шуданд, ки аз дорувории гаронарзиш даст кашанд, 10,5% -аз муоинаҳои гаронарзиш даст кашиданд, 9,5% -аз муоличаи гаронарзиш, 4%- аз машваратҳо дар дармонгоҳои хусусӣ даст кашиданд. 59,7% қайд намуданд, ки дар давраи пандемия чунин ҳолатҳо бо онҳо рӯй надодааст.

## 6.4.ТАХСИЛОТ ВА ДАМГИРИ

Бемории сироятии КОВИД-19 на танҳо ба иқтисоди ҷаҳонӣ, балки ба дигар соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла ба низоми маорифи давлатҳои дунё халали ҷиддӣ ворид кард. Пандемияи КОВИД-19 ба калонтарин халадоршавии низоми маориф дар таърихи инсоният оварда расонид, ки он қариб 1,6 миллиард хонандагонро дар зиёда аз 190 давлат дар ҳамаи қитъаҳо фаро гирифт.

Таъсири пандемия ба таҳсилот хеле муассир буд. Он тамоми сатҳҳои таҳсилотро фаро гирифт: томактабӣ, мактабӣ, касбӣ-техникӣ ва низоми таҳсилоти олӣ дар тамоми мамлакатҳо. Тибқи ақидаи таҳлилгарон, пандемияи коронавирус проблемаҳои аллакай мавҷудбударо дар таҳсилоти байналмилалӣ душвор гардонид. То пандемии 258 миллион нафар кӯдакони синни мактабӣ ба мактаб намерафтанд; мактаббачагони зиёде кам мехонданд ва маълумоти сифати паст мегирифтанд. Фарзандони оилаҳои камбизоат дастрасии камтар ба таҳсилоти мактабӣ, нишондиҳандаи баландтарини ҷудошавӣ ва нуқсонҳои ҷиддӣ дар раванди таҳсил доштанд.

Таҳлилгарони Бонки ҷаҳонӣ муқаррар карданд, ки пандемияи коронавирус ба раванди пешравӣ дар соҳаи маълумот дар тамоми ҷаҳон тавассути ду омил таҳдид мекунад: Аввалан, ин қариб пурра баста шудани макотиби тамоми сатҳҳо. Сониян, коҳишёбии иқтисодӣ бар асари тадбирҳои мубориза бар зидди пандемия.

Бо мақсади дар чунин ҳолатҳо таъмин намудани яке аз ҳуқуқҳои калидии инсон – ҳуқуқи дастрасӣ ба таҳсил аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ба давлатҳои аъзо Роҳнамои “Қайдҳои консептуалӣ: маориф дар даврони КОВИД-19 ва давраи минбаъда” пешниҳод карда шуд.

Теъдоди кӯдакони сини соли аз 1 то 18-сола дар ҷумҳурӣ ба 4030,1 ҳазор нафар баробар мебошад Ба ҳолати имрӯза дар ҷумҳурӣ 3911 муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ фаъолият мекунанд, ки аз онҳо 312 муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, 419 муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ ва 3169 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошанд. Ҳамчунин, 150 муассисаҳои таълимии типи нав фаъолият мекунанд, ки аз ин шумора 75 Гимназия ва 75 Литсей мебошад. Шумораи умумии хонандагон дар муассисаҳои мазкур 2.108 942.нафар мебошад. Дар ҷумҳурӣ 662 муассисаҳои томактабӣ амал мекунанд, ки аз онҳо 65.2% дар нуқтаҳои аҳолинишини шаҳрӣ ва 34,8% дар деҳот ҷойгир ҳастанд. Теъдоди кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ 102,2 ҳазор нафарро ташкил мекунад[9]

[9] Омори солонаи Чумхурии Точикистон. Соли 2020.




Пурсиш нишон дод, ки 100% кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ то давраи пандемия ба таҳсил фаро гирифта шудаанд аз онҳо: 75% кӯдакон дар муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, 4,7% кӯдакон дар гимназия, 2 % дар лицей, 24,6% дар муассисаҳои томактабӣ ва 0,4% кӯдакони маъюб дар мактабҳои махсусгардонидашуда таҳсил мекунанд.







Таҳқиқот нишон дод, ки 95,3 фоизи кӯдакон дар давраи пандемия ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои томактабӣ нарафтаанд. Аксари хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва литсейҳо - 43,4% ба муддати 1-2 моҳ дар машғулиятҳои дарсӣ иштирок накардаанд, 29,1 фоизи кӯдакони то синни мактабӣ дар давоми аз 3 то 6 моҳ ба муассисаҳои томактабӣ нарафтаанд, 21,5 фоизи кӯдакон дар давоми аз 6 то 12 моҳ ба муассисаҳои томактабӣ нарафтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки бо мақсади пешгирии паҳншавии ин бемории сироятӣ бо қарори Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои

пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус (КОВИД-19) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрел то 16 августи соли 2020 хонандагон ба таътил фиристонида шуданд.

Таҳқиқот нишон дод, ки бештари оилаҳо -55,9 % барои таҳсили як нафар фарзанди худ дар муассисаи таҳсилотӣ маблағи муайян мепардохтанд, ки табақабандии он дар байни мусоҳибон чунин аст: 36,8%- то 100 сомонӣ; 13,2% - то 300 сомонӣ; 2,9% - то 500 сомонӣ; 2,6% - то 1000 сомонӣ; 0,3%- аз 1000 то 1500 сомонӣ . 40,1 фоизи мусоҳибон қайд карданд, ки барои таҳсили фарзандон ягон маблағ пардохт накарданд.




Дар ҷавоб ба саволи мазкур 54,8 фоизи мусоҳибон изҳор доштанд, дар давраи пандемия андозаи маблағ барои пардохти ҳаққи таҳсил афзоиш наёфт, 5.2 фоизи пурсишёфтаҳо бошанд, қайд намуданд, ки пардохти маблағ бар асари ба вуҷуд омадани хароҷоти иловагӣ барои воситаҳои дизенфиксионӣ ҷиҳати қонеъгардонии талаботи муассисаи таҳсилотӣ афзоиш ёфт.




Аз теъдоди умумии пурсидашудагон дар бораи вазъи қаноатмандӣ аз сатҳу сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, 71 фоизи мусоҳибон қаноатмандии худро аз сифати таҳсилот изҳор намуданд, 12 фоизи мусоҳибон қаноатманд нестанд ва қайд намуданд, ки машғулиятҳои амалӣ дар синфҳо бо истифода аз таҷҳизоти кухна мегузаранд, воситаҳои айёнӣ ва техникӣ истифода бурда намешаванд, маводи масрафшаванда барои машғулиятҳои амалӣ вуҷуд надорад, дар машғулиятҳои дарсӣ воситаҳои муосири техникии таълим (компютер, тахтаи электронӣ) истифода карда намешаванд, омӯзгорони фанҳои риёзӣ ва химия дар муассисаҳои таҳсилотӣ намерасанд. 14,7 фоизи мусоҳибон дар ҷавоб додан ба саволи номбурда мушкилӣ доштани худро зикр намуданд.




Пурсиш нишон дод, ки 54,8 фоизи мусоҳибон барои таҳсили фарзандонашон дар давраи пандемия сарфа накарданд, бар асари коҳишёбии интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ 37,7% мусоҳибон маҷбур шуданд, ки хароҷоти пулиро барои ширкати фарзандонашон ба дарсҳои иловагӣ, маҳфилҳо, бахшҳои варзишӣ кам кунанд, зеро ки дар давраи пандемия эҳтиёҷоти нисбатан оҷилтар дар оилаҳо пайдо шуданд: масрафот барои тадбирҳои ҳифозатӣ аз ковид, хароҷотҳо барои хариди доруворӣ ва муолиҷаи аъзои бемори оилаҳо.




Пурсиш ошкор сохт, ки бештари кӯдакон-79,8% бо таҳсилоти фосилавии хонагӣ фаро гирифта нашуданд. Сатҳи нокифояи истифодаи технологияи иттилоотӣ дар оилаҳо, дастрасии нокифоя ба Интернет ва фарогирии он, таҳсилоти фосилавиро ба қадри зарурӣ таъмин карда наметавонанд. Инчунин, бояд ба назар гирифт, ки хонандагон дар минтақаҳо наметавонанд тавассути манбаъҳои интернетӣ таҳсил кунанд. Дастрасӣ ба Интернет дар шаҳрҳои калон ва марказӣ то андозае қонеъкунанда мебошад, вале нархи истифодабарии Интернет ва суръати пешниҳоди он мушкилоти муайян доранд. Дар минтақаҳои кишвар, алалхусус дар минтақаҳои кӯҳистон, бо сабабҳои набудани интернет таҳсилоти фосилавӣ номумкин гардидааст. Фақат 20,2 фоизи мусоҳибон дар давраи пандемия ба таҳсилоти фосилавии аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки асосан дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд ва литсейи Оғохон, ки дар шаҳри Хоруғ воқеъ мебошанд, ташкилкарда фаро гирифта шуданд. Зимни таҳсилоти фосилавӣ ин кӯдакон имкон пайдо намуданд, ки худназоратӣ ва худтанзимкуниро ёд гиранд ва тафаккури нусхавиро, ки аксаран барои кӯдакону наврасон хос мебошад, паси сар намоянд. Таҳсили онлайнӣ ҳисси таҷаммуъро инкишоф медиҳад ва диққатнокии озодро беҳтар мегардонад.




Пурсиш нишон дод, ки 63,1 фоизи мусоҳибон дар давраи пандемия ба таври мунтазам ҷиҳати таълим аз компютер, планшет, ноутбук ва смартфон истифода менамуданд, 36,9 фоизи мусоҳибон изҳор доштанд, ки онҳо чунин имконият надоштанд: аз онҳо 38% қайд карданд, ки фарзандонашон чунин таҷҳизот надоранд, 10,1% зикр карданд, ки нархи интернет баланд ва сифати он паст мебошад, 15% қайд карданд, ки имкони молиявии харидорӣ кардани чунин техника барои фарзандонро надоранд.




Бештари мусоҳибон - 52,6% қайд карданд, ки фарзандони онҳо дар давраи пандемия аз тариқи телевизонии машғулиятҳои дарсӣ, ки онҳоро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Муассисаи давлатии Телевизиони кӯдакон ва наврасони «Баҳористон» оид ба баъзе фанҳои таълимӣ ташкил карда буд, истифода карданд, 27,6 фоизи кӯдакон ин барномаҳоро истифода набурдаанд ва 19,8 фоизи кӯдакон қайд карданд, ки дар бораи мавҷудияти чунин барномаҳо намедонистанд. Мусоҳибон чунин мешумориданд, ки онҳо омода нестанд барои кор дар бахши рақами барои он, ки фарзандони онҳо малакаи хуби истифода бурдани компютерро надоранд, мусоҳибон иброз доштанд, ки онҳо таҳҷизоти техники доранд вале аз сабаби баланд будани нархи интернет ба ин кор омода нестанд.

## 6.5.ХИЗМАТРАСОНИИ ХУҚУҚӢ

Кӯмаки ҳуқуқӣ дар шароити пандемияи COVID-19 бояд тамоми ҷанбаҳои бевосита алоқаманд ба паҳншавии вирус, оқибатҳои бевосита ва бавоситаи онро фаро гирад. Масалан, ҳуқуқшиносон метавонанд ба таҳияи нақшаи бартарафсозии бухрони бар асари пандемия сарзада бо назардошти пешгӯиҳои манфии рушди вазъият тавассути коркарди дастурамалҳо ва ҳуҷҷатҳои муқарраротӣ дар мавриди пурзуркунӣ ё барҳамдиии фаврии маҳдудиятҳо мусоидат намоянд.



Диограмма 36.Оё дар давраи пандемия дар оилаи Шумо зарурат ба дарёфти кӯмаки ҳуқуқӣ пайдо шуда буд?

Таҳқиқот ошкор сохт, ки дар оилаҳои 92,6% мусоҳибон дар давраи пандемия зарурат ба кӯмаки ҳуқуқӣ пайдо нашуд, дар 7,4 фоизи оилаҳои пурсишёфтагон бошад, чунин зарурат пайдо шуд.



Диограмма 37.Барои дарёфти кӯмаки ҳуқуқӣ ба кӣ муроҷиат намуда будед?

Таҳлили нишондиҳандаҳои мусоҳибоне, ки дар давраи пандемия барои дарёфти кӯмаки ҳуқуқӣ муроҷиат кардаанд, нишон медиҳад, ки 1,6 фоизи онҳо ба мақомоти полис, 1,3% - ба машварати ҳуқуқӣ, 0,8% - ба шуъбаи ҳуқуқҳои кӯдак, 0,5%- ба суд,

0,4% - ба созмони ҳифзи ҳуқуқ ва  0,1 фоизи мусоҳибон ба прокуратура муроҷиат кардаанд.




Аз 7,4 фоизи мусоҳибон, ки ба кӯмаки ҳуқуқӣ зарурат доштанд, 3,1% кӯмаки ҳуқуқиро дар шакли машваратдиҳӣ, 1,7% пурсишёфтагон дар шакли ҷамъоварӣ ва омодасозии ҳуҷҷатҳо, 1,2% кӯмаки ҳуқуқшиносро барои баррасии даъво дар мурофиаи судӣ ва 0,8% пурсишёфтагон қайд намуданд, ки кӯмаки ҳуқуқшиносро ҷиҳати ҳимояи манфиатҳои худ дар  мақомотҳо дарёфт кардаанд.




Аз теъдоди 92,6% пурсишёфтагон, ки барои гирифтани кӯмаки ҳуқуқӣ муроҷиат накарда буданд, 63 фоизи мусоҳибон ҷавоб доданд, ки медонистанд мушкилоти худро дар давраи пандемия чи тавр ҳал кунанд,  5,7% қайд карданд, ки ёфтани ҳуқуқшиноси касбӣ кори душвор буд,  4,2%  набудани маблағ барои пардохти ҳаққи ҳуқуқшиносро зикр карданд,  11,1% қайд намуданд, ки дар ҳолати зарурӣ ба кӣ муроҷиат карданамонро намедонистем, 8,3% бошанд, дигар сабабҳоро (бо чунин ҳолатҳо дучор нагардиданд, хизматрасониҳои ҳуқуқӣ хароҷотро тақозо доранд, даромадҳои оила имкон надоданд) нишон доданд.




Таҳқиқот нишон дод, ки фақат 36 фоизи пурсишёфтагон медонанд, ки тамоми хизматрасониҳои кормандони ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар минтақаҳои мамлакат ройгон мебошанд, 30,7%-дар бораи хизматрасониҳои ройгон намедонанд. Дар рафти гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳии мусоҳибагирон бо мусоҳибон, 33,3 фоизи пурсишёфтагон ҷавоб доданд, ки минбаъд аз ин хизматрасониҳо истифода хоҳанд бурд.

## 6.6. ЧОРАҲОИ МАХСУСИ МУҲОФИЗАТ АЗ ПАНДЕМИЯ

Дар давраи пандемияи сирояти коронавирус воситаҳои инфиродии ҳифозат ба масъалаи муҳими муҳокимавӣ табдил ёфтанд. COVID-19 ба воситаи робита ё қатравӣ паҳн мешавад, дар ин маврид ҷузъҳои калон респираторӣ амал мекунанд, ки тақрибан ба масофаи як метр аз бемор паҳн мегарданд. Дигар хел карда гӯем, интиқоли ҳавоӣ-қатрагӣ бар асари омехтаҳои обӣ-ҳавоӣ (аэрозолҳо), тавассути фаъолнокии нафаскашӣ ё дар натиҷаи амалиётҳои тиббӣ сурат мегирад. Ба ғайр аз ин, қатраҳо метавонанд дар фазо дар давраи тӯлонӣ боқӣ бимонанд. ВИХ ҷузъи муҳими системаи ҳифзи кӯдакон аз сироятёбии тарафайн маҳсуб меёбад. Истифодабарии дурусти ВИХ хатари интиқолёбии вирусро аз байн намебарад, аммо сатҳи хавфнокиро хеле коҳиш медиҳад. Тавсияҳои созмонҳои байналмилалӣ дар нисбати ВИХ дар маҷмӯъ ҳамсон мебошанд, аммо тартиби ягонаи истифодабарии онҳо вуҷуд надорад.




Роҷеъ ба саволи мазкур ба мусоҳибон имкон дода шуд, ки се ҷавобро интихоб намоянд. Пурсиш нишон дод, ки 99,6 мусоҳибон дар бораи COVID-19 шунида буданд, 0,4% ҷавоби «не» доданд.  Аз теъдоди мусоҳибони дар бораи COVID-19 иттилоъёфта, бештарашон-76% аз радио, телевизион ва рӯзномаҳо, 47,7% - аз марказҳои тиббӣ ва духтурҳои оилавӣ,  43,2% - аз дӯстон ва хешовандон, 72,3% - аз шабакаҳои иҷтимоӣ, 77% - аз сомонаҳои расмии ҳукуматӣ иттилоъ ёфтаанд, 4,5 фоизи мусоҳибон қайд намуданд, ки иттилоъро аз созмонҳои ҷамъиятӣ ба даст овардаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки дар маҷмуъ мусоҳибон дар бораи пандемияи COVID-19 иттилоъ доранд.




Ба мусоҳибон оид ба  дастрасии ҳаррӯзаи онҳо ба ашёҳои гуногуни гигиенӣ, ки барои пешгирии ковид-19 муассир мебошанд, савол дода шуд. Таҳлили маълумотҳои

пурсишномаҳо нишон медиҳад, ки дар умум 96 фоизи мусоҳибон дар давраи пандемия ба об барои оббозӣ, шустушӯи сару либос ва дигар корҳои хонагӣ дастрасии ҳаррӯза доштанд, 75 фоизи мусоҳибон ба воситаҳои дизенфексионии дастҳо, 75 фоизи мусоҳибон ба ниқобҳои барои рӯй дастрасӣ доштанд, 25 фоизи мусоҳибон бошанд, чунин имкониятҳоро надоштанд.




Аз теъдоди мусоҳибони ба ниқоб дастраси надошта 14,4% қайд карданд, ки онҳо барои харид намудани ниқоб маблағ надоштанд, 6,1 фоизи мусоҳибон қайд карданд, ки дар давраи пандемия нархи хариди ниқобҳо барои рӯй қимат гардид, 2,1 фоизи мусоҳибон ҷавоб доданд, ки дар ноҳияи зисти онҳо ниқобҳо барои рӯй фурӯхта намешуданд, ки ин асосан деҳот мебошад, 1,9 фоизи мусоҳибон қайд намуданд, ки худашон ниқоб барои рӯйро дар давраи пандемия пӯшондан намехостанд ва 0,1% зикр намуданд, ки ниқоб барои рӯй одамро COVID-19 ҳифз намекунад.

Диограмма 44.Шумо бар асари хабархо, хавфу хатарҳо ва маҳдудиятҳои вобаста ба коронавирус худатонро рӯҳафтода, афсурдаҳол ё ноумед эҳсос мекардед?




Табиист ки вайроншавии тӯлонии тарзи муқаррарии зиндагӣ наметавонист таъсири худро ба ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳондарккунии мусоҳибон нагузошта бошад. Аз теъдоди умумии ба пурсиш фарогирифташудагон, 25 фоизашон қайд намуданд, ки худро дар давраи пандемия кам афсурдаҳол ҳис мекарданд, 25,5% -миёна, 23,7% -ниҳоят сахт, 12,7% -фавқулодда сахт ҳис мекарданд, 12,5% қайд карданд, ки дар давраи пандемия тамоман худро афсурдаҳол эҳсос намекарданд. Пурсиш нишон дод, ки бештари мусоҳибон -87% дар давраи пандемия озурдагии равониро аз сар гузаронидаанд ва онҳо ба тавонбахшии равонӣ эҳтиёҷ доранд.




Таҳқиқот нишон дод, ки дар давраи пандемия 39,5 фоиз кӯдакон дар хона , 15,4% кӯдакон дар табиат дар ҳавои тоза, 10,7 фоиз дар ҳавои кушод ба варзиш машғул буданд ,34,4 фоиз кудакон  дар вакти пандемия  тамоман ба  варзиш машғул нашуданд.

Таҳдиди таъсири манфии пандемияи COVID-19 зарурати зиёд кардани фарогирии оилаҳои  камбизоат бо механизми расонидани кӯмаки суроғаи иҷтимоиро ба миён гузоштааст. Вобаста ба ин, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон  «Дар бораи тартиби таъин, маблағгузорӣ ва пардохти кӯмаки мақсадноки иҷтимоиро ба оилаҳои эҳтиёҷманд ва шаҳрвандон»-ро таҳия кардаст, ки он айни замон дар баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Ҳамзамон, гурӯҳи кории байниидоравӣ ҷиҳати таҳиясозии лоиҳаи «Барномаи давлатии рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2030» таъсис дода шудааст

## 7. НАТИЧАИ МУХОКИМА ДАР ФОКУС-ГУРУХХО

Дар мутобиқат бо вазифаи техникии лоиҳа ҷиҳати гузаронидани фокус-гурӯҳҳо аз ҷониби таҳқиқотчиён барои наврасони синну соли аз 15 то 18-сола саволномаи марбута таҳия  карда шуд.  Нақшаи гузаронидани фокус-гурӯҳҳо коркард гардид. Гузаронидани фокус-гурӯҳҳо бо ҳукуматҳои маҳаллӣ мувофиқа карда шуд. Ширкатдорон аз банаворгирии видеоӣ ва сабткунии овоз даст кашиданд ва нахостанашонро бо он асоснок карданд, ки мехоҳанд ақидаи худро мутлақо ниҳонӣ баён кунанд. Гарчанде ки дар оғози кор ба ширкаткунандагон тамоми қоидаҳои гузаронидани фокус-гурӯҳҳо фаҳмонида шуданд ва онҳо огоҳ карда шуданд, ки таҳқиқот бо мақсади илмӣ гузаронида шуда, фақат дар илм истифода бурда мешавад, аммо новобаста ба ин, баъзеҳо изҳори нобоварӣ карданд. Дар ин сурат қайдҳо фақат дар дафтари ёддошт ва флипчарт сабт карда шуданд.

**Ҷадвали №1.Теъдоди фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар фокус-гурӯҳҳои минтақаҳо ширкат доштанд**

| № б/т | Шаҳр | Мардон | Занон | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Бохтар | 5 | 5 | 10 |
| 2. | Хуҷанд | 8 | 2 | 10 |
| 3. | Душанбе | 13 | 7 | 20 |
| **Ҳамагӣ:** | | **26** | **14** | **40** |

Дар фокус-гурӯҳҳо 40 нафар аз шаҳрҳои Душанбе (20 нафар), Хуҷанд (10 нафар) ва Бохтар (10 нафар) ширкат намуданд. Аз теъдоди пурсишёфтагон ҳиссаи писарон 65% ва духтарон 35 фоизро ташкил медиҳад. Синну соли мусоҳибон аз 15 то 18-соларо ташкил медиҳад.

**1. Бо кадом мушкилотҳо Шумо дар давраи пандемия дучор шудед? Оё дар давраи пандемия нақшаҳои Шумо тағйир ёфтанд? Ба фикри Шумо, чи тавр беҳтар метавон иттилооти муҳимро оид ба пандемия дар байни кӯдакон ва наврасон паҳн намуд?**

Ба савол дар бораи бо кадом мушкилотҳо дучор шудани кӯдакон дар давраи пандемия дар тамоми се шаҳр онҳо тақрибан ҷавоби якхела доданд. Баъзеи онҳо дар давраи пандемияи коронавирус худро бо сабаби касали волидонаш худро руҳафтода ҳис мекарданд. Духтури оилавӣ мунтазам хонаҳои онҳоро хабар мегирифт ва 15 рӯз онҳо дар карантин қарор доштанд. Қисме аз кӯдакон барои пешгирӣ аз пандемия воситаҳои тибби халқиро (испанд, сирпиёз) истифода бурданд. Волидони 50 фоизи кӯдакон низ мубталои бемории коронавирус шуда буданд ва онҳо худашон доруҳои заруриро харидорӣ карданд. Зимнан, онҳо нархҳои доруҳоро ҳоло дар хотир надоранд.

Мушкилоти асосӣ барои кӯдакон ва оилаҳои онҳо ин буд, ки онҳо ба муассисаи таҳсилотӣ намерафтанд, муассисаҳои таълимӣ барои давраи муайян баста шуда буданд. Кӯдакон ва волидони онҳо барои кӯдакон дар тобистон нақшаҳо доштанд. Кӯдакон ба нақша гирифта буданд, ки дар машғулиятҳои иловагии самтҳои гуногун ширкат меварзанд ва ба толорҳои варзишӣ мераванд. Аз оғози пандемия ва эълон гардидани карантин дар ҷумҳурӣ, нақшаҳои тобистонаи кӯдакон вайрон гардиданд. Онҳо тамоми рӯз дар хона менишастанд, ба кӯча баромадан мумкин набуд. 10 фоизи кӯдакон нақша доштанд, ки дар тобистон ба лагерҳои тобистона мераванд, вале рафтан натавонистанд. Бар асари вайроншавии нақшаҳои онҳо ва ҳатто ба кӯча баромада натавонистанашон, кӯдакон хеле ғамгин ва рӯҳафтода шуда буданд. Тамоми рӯз дар хона нишаста, кӯдакон дигар бо ягон кор машғул шудан намехостанд. 50 фоизи кӯдакон иттилои муҳим дар бораи пандемияи коронавирусро аз волидони худ ва дигар хешовандон мегирифтанд, 50 фоизи боқимондаи кӯдакон чунин иттилоотро аз интернет, телевизион ва радио мегирифтанд. 50 фоизи кӯдакон, ки иттилоъро аз волидон мегирифтанд, ҳамеша таҳти диққати ҷиддии онҳо қарор доштанд. Волидон ба онҳо дар бораи муҳиммияти истифодабарии ниқоб барои рӯй, воситаҳои дезинфексионӣ барои дастҳо, истифодабарии дастпӯшакҳо ва риояи фосилаи иҷтимоӣ мегуфтанд. Волидон ба 50 фоизи кӯдакон дар бораи пандемия иттилоъ намедоданд, зеро ки аз рӯйи суханони кӯдакон волидони кӯдакон намехостанд, ки фарзандони онҳо бори иттилои манфӣ дар бораи ин касалиро бар дӯш дошта бошанд ва кӯдакон ба стресси калон дучор нагарданд. 15 фоизи мусоҳибон пешниҳод карданд, ки барои кӯдакону наврасон роҷеъ ба COVID-19 барномаи махсус таҳия карда шавад, то ки кӯдакон маҳз аз ҳамин барнома иттилои муҳимро ба даст оранд. Зеро ки онҳо аз

реклама иттилоъ мегирифтанд ва ба он начандон ҷиддӣ муносибат мекарданд. Агар барои кӯдакон барномаи махсус таҳия гардида, он бо далелҳои илмӣ ва тиббӣ тақвият дода шавад, ин барои ҳифзи кӯдакон дар муқоиса нисбат ба иттилои мухтасари байни барномаҳои телевизионӣ бештар манфиат мебахшад.

Ба ғайр аз ҳамаи инҳо, кӯдакон оид ба бемории ва тарзи ҳифозат аз он дар мактаб ва аз кормандони тиббӣ иттилоъ мегирифтанд.

**2. Чи тавр COVID-19 ба вазъи иқтисодии оилаи Шумо таъсир расонид?**

Зимни ба ин савол посух додан мусоҳибон аз нав ба ду гурӯҳи баробар ҷудо гардиданд. Ба вазъи иқтисодии 50 фоизи оилаҳо пандемию таъсири хеле сахт расонид, ба 50 фоизи дигар бемории ягон таъсир нарасонидааст. Вазъи он қисми мусоҳибонро баррасӣ мекунем, ки ба он пандемия таъсири хеле сахт расонидааст. Волидони мусоҳибони мо дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд. Онҳо бар асари ҷорӣ намудани карантин дар мамлакати қабулкунанда корро муваққатан ё доимӣ аз даст додаанд ва ин ба вазъи молиявии оилаҳои онҳо дар ватан таъсири сахт расонид. Оилаҳои онҳо барои харидорӣ намудани маводи озуқаворӣ ва доруворӣ маблағи пулии кофӣ надоштанд. Ба ғайр аз ин, арзиши ҳам доруворӣ ва ҳам маводи озуқаворӣ дар давраи пандемия хеле қимат гардид, ки ин ҳолат ба қобилияти харидории оилаҳо таъсир расонд, зеро ки дар давраи пандемия интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ қариб ба андозаи 50% коҳиш ёфт. Оилаҳои онҳо маводи озуқавориро кам харидорӣ мекарданд. Он қисми муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар давраи пандемия корашонро аз даст надода буданд ва ба оилаҳои худ маблағҳои пулиро интиқол медоданд, оилаҳои онҳо мушкилоти молиявӣ надоштанд. Инчунин, баъзе оилаҳое, ки занҳояшон дар ватан кор мекарданд ва даромади худро новобаста аз воридоти маблағҳо аз хориҷа доштанд, низ дар давраи пандемия мушкилоти молиявӣ надоштанд. 10 фоизи мусоҳибон қайд карданд, ки дар давраи пандемия хешовандонашон онҳоро бо маводи озуқаворӣ ва воситаҳои доруворӣ таъмин мекарданд ё тавассути мошинҳо ба онҳо кӯмакҳо тақсим карда мешуданд, ки ин низ яке аз сабабҳои мавҷуд набудани мушкилоти иқтисодӣ дар оилаҳои онҳо маҳсуб меёбад.

**3. Ба Шумо COVID-19 чи гуна таъсир расонид? Шумо стресс ё афсурдахотирӣ доштед? Агар «ҳа», чи хел?**

Бештари кӯдакон (59%) мусоҳибони дар фокус-гурӯҳҳо ширкатдошта изҳор намуданд, ки аз вазъи COVID-19 дар ташвиш ҳастанд. Ин далел, ки онҳо пештар ягон бор чунин ҳолатро аз сар нагузаронида буданд, сабаби ташвиши ҷиддӣ мебошад. Вайроншавии тӯлонии тарзи муқаррарии зист ва фаъолият нақши худро наметавонист ба ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳондарккунии насли наврас нарасонад. Бар асари пандемии ва эълон гардидани карантин дар саросари ҷумҳурӣ кӯдакон ва наврасон наметавонистанд ба мактаб раванд, бо варзиш машғул гарданд ва бо дӯстони худ сайругашт кунанд. Онҳо наметавонистанд бо корҳои дилхоҳи худ машғул шаванд, зеро ки қоидаҳои карантин ва фосилаи иҷтимоиро бояд риоя менамуданд. Волидон намемонданд, ки онҳо ба кӯча бароянд. Пандемияи COVID-19 ба ҳаёти иҷтимоии кӯдакон ва наврасон таъсири сахт расонид. Онҳо стресс доштанд ва сахт маъюс шуда буданд. Таъсири пандемия ба наврасон маҳдудияти фаъолнокии ҳаракатро ба вуҷуд меорад. Зистани тӯлонӣ дар дар муҳити маҳдуд боиси сар задани ҳолатҳои ҳардамхаёлӣ ва тундмизоҷӣ мегардад. Агар одами калонсол эҳсосоти худро метавонад назорат кунад, ба кӯдакон ин кор бо мушкилӣ даст медиҳад.

Кӯдакон дар бораи пандемияи COVID-19 ва таъсири он ба одамон иттилоъ гирифта, ба стресси ҷиддӣ дучор мегардиданд, зеро ки онҳо ҳама вақт дар бораи он

фикр мекарданд ва дар ташвиш буданд, ки ягон узви оилаи онҳо метавонад мубталои беморӣ гардад ва фавтад. Онҳо аз ҳолати стрессӣ вақте раҳоӣ ёфтанд, ки вазъияти марбути пандемия каме беҳтар гардид, одамон ба ин беморӣ камтар мубтало мешуданд ва камтар мефавтиданд. Баъзе кӯдаконе, ки дар хона менишастанду дӯстони худро намедиданд, афсурдахотир набуданд, зеро ки онҳо пайваста бо дӯстон ва ҳамсинфҳои худ тавассути телефон ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар муошират буданд. Ҳолати марбути пандемия ва эълони карантин, баръакс кӯдаконро бо оилаҳо ва дӯстони онҳо муттаҳидтар гардонид. Зеро ки дар ҳоли дур будан аз дӯстон, кӯдакон фаҳмиданд, ки барои онҳо дӯстон ва ҳамсинфон чи қадар муҳим ва азиз мебошанд. Кӯдакон бо аъзоёни оилаҳои худ вақти хеле зиёдеро аз сар мегузарониданд, ки ин низ ба онҳо таъсири хубе расонид. Аъзоёни оила бо ҳам вақти хеле зиёдеро аз сар гузаронида, ба ҳамдигар боз ҳам наздиктар гардиданд. Дар давраи пандемия баъзе кӯдакон ба модарони худ дар корҳои хона ёрӣ мерасониданд. Бар асари он ки падарони онҳо дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд ва модарони онҳо низ кор мекунанд, кӯдакон баъзе корҳоро дар хона анҷом медоданд (рӯбучин, нигоҳубини укоҳо ва хоҳаракон, ба бозор рафтан барои хариди озуқаворӣ ва ғайра). Аз қайдҳои мазкур ба хулоса омадан мумкин аст, ки пандемия ва карантин ба кӯдакон таъсири гуногун расонидааст: баъзе кӯдакон афсурдахотир гардида, дар ҳолати стресс қарор гирифтанд; баъзе кӯдакон бошанд, баръакс арзишмандии дӯстони худро дарк намуданд ва бо аъзоёни оилаҳои худ наздиктар гардиданд. Ба як қатор ҳолатҳои манфӣ нигоҳ накарда, ин давра ба насли хурдсол худташаккулиро ёд дод. Ин ҷанбаи хеле муҳим аст, вақте ки дар шуури кӯдак масъулият барои вазифаҳои бевоситаи ӯ ташаккул меёбад.

**4. Шумо дар давраи пандемия ба кӣ муроҷиат намудед? Аз волидон, роҳбарони ҷамъиятҳо, ташкилотҳо Шумо чӣ гуна кӯмак дарёфт кардед?**

Дар давраи пандемии волидон ва фарзандони онҳо барои дарёфти кӯмак ба ягон кас муроҷиат накардаанд. Аммо дар асоси ҷавобҳои кӯдакон ба ин савол, маълум мегардад, ки онҳо мехостанд ба онҳо кӯмак расонанд. Барои мисол, онҳоро бо маводи озуқаворӣ, доруворӣ, ниқобҳо барои рӯй ва воситаҳои дизенфексионӣ барои дастҳо таъмин кунанд. Чунки дар давраи пандемия нархҳои ин ашъёҳои мавриди ниёзи аввалия хеле қимат гардиданд. Ба ғайр аз ин, кӯдакон мехостанд духтурон онҳоро зуд-зуд хабар гиранд.

**5. Шумо дар давраи пандемия кор мекардед? Агар «ҳа», пас дар куҷо?**

Кӯдакон ва наврасон дар давраи пандемия кор намекарданд. Аммо он кӯдакону наврасон, ки оилаҳои онҳо замини наздиҳавлигӣ доштанд ва волидони онҳо дар он сабзавот корида буданд, дар ин заминҳо кор мекарданд ва ба волидони худ ёрӣ мерасониданд. Кӯдакон дар як рӯз аз 30 дақиқа то 1,5 соат кор мекарданд.

**6. Оё дар давраи пандемия мушкилоти дарёфти хизматрасонии тиббӣ мавҷуд буд?**

Дар давраи пандемия мушкилоти дарёфти хизматрасонии тиббӣ мавҷуд вуҷуд надошт. Духтури оилавӣ хонаҳои минтақаи худро хабар мегирифт. Оилаҳое, ки мубталои вирус гардида буданд, онҳоро таҳти карантина дар беморхонаҳо ё дар хона хабар мегирифтанд. Духтурон ҳамеша аз ҳоли беморон хабар мегирифтанд. Дар ҳолати дар оила мавҷуд будани воситаи нақлиёт, он дастёбӣ ба хизматрасонии муассисаи тиббиро осонтар мегардонид.

**7. Шумо дар давраи пандемия ба мактаб мерафтед? Агар «ҳа», пас барои чӣ?**

Дар давраи пандемия кӯдакон ва наврасон ба мактаб намерафтанд. Чунки бо мақсади ҳифзи саломатии кӯдакон дар мактабҳо карантин эълон гардида буд.

Кӯдакон давоми се моҳ – аз 17 апрел то 17 августи соли 2020 ба мактаб нарафтанд. Онҳо барномаҳои таълимиро тавассути телевизион бо забонҳои гуногун меомӯхтанд. Бар асари ба мактаб нарафтан, кӯдакон хеле озурдахотир шуданд.

**8. То чи андоза Шумо аз тадбирҳои андешидаи ҳукумат дар давраи пандемия қаноатманд ҳастед?**

Кӯдакон аз тадбирҳои ҳукумат, ки дар давраи пандемия татбиқ гардиданд, қаноатманд ҳастанд. Чунки давлат мактабҳо, муассисаҳои таълимӣ, боғчаҳои кӯдакон, муассисаҳои хӯроки умумӣ, донишгоҳҳо, донишкадаҳо ва дигар ҷойҳои таҷаммуи аҳолиро карантин эълон намуд. Тадбири мазкур бо мақсади ҳифзи аҳолӣ аз вирус татбиқ гардид. Инчунин, бо дастгирии ҳукумат корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба чорабиниҳои ҳифозат аз вирус гузаронида шуданд. Ба аҳолӣ фаҳмонда дода шуд, ки тавассути истифодабарии кадом воситаҳо на фақат худро, балки дигаронро низ аз вирус ҳифз бояд кард. Корҳои фаҳмондадиҳӣ дар макотиб, боғчаҳои бачагон, донишгоҳҳо аз ҷониби кормандони тиббӣ, ки хона ба хона мерафтанд, гузаронида мешуданд. Мо комилан аз корҳои гузаронидашуда қаноатманд мебошем. Ба мо мегуфтанд, ки бо даст салом накунем, ба оғӯш нагирем ва фосилаи иҷтимоиро риоя кунем. Ҳамаи ин тадбирҳо ба мо кӯмак расониданд, ки ин давраи мушкилро паси сар намоем.

## 8. ХУЛОСАҲОИ АСОСӢ

- Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бемор이 сироятии COVID-19 асосан ба калонсолон таҳдид мекунад. Имрӯзҳои мавҷҳои дуюм, сеюм ва ҳатто чоруми паҳншавии бемории сироятии КОВИД-19 ва намудҳои (штаммҳои) нави он ба аҳолии сайёра таҳдид мекунанд. Мувофиқи мақсад аст, ки ҷиҳати эмин нигоҳ доштани кӯдакон аз ин вабои асри XXI чораҳои дахлдор андешида шаванд.
- COVID-19 тарзи зиндагии бисёриҳоро тағйир дод ва кӯдакон истисно нестанд. Арзёбии тамоми миқёси бухронро метавон бо гузашти вақт анҷом дод, вале дар ҳоли ҳозир низ кӯшиш карда мешавад, ки оқибатҳои пандемия барои кӯдакон нишон дода шаванд.
- Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки 35,4 фоизи мусоҳибон дар давраи муҳоҷирати меҳнатӣ фарзандони худро таҳти нигоҳубини хешовандон гузоштаанд, ки инҳо асосан оилаҳои нопурра ва оилаҳое мебошанд, ки ҳардуи волидон дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд.
- Дар натиҷаи муҳоҷирати меҳнатӣ вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии фарзандони 57,6 фоизи пурсишёфтагон беҳтар гардид. Бештари-88,6 фоизи муҳоҷирони меҳнатӣ ба оилаҳои худ маблағҳои пулиро интиқол медоданд. Маблағҳои интиқолдода аз ҷониби оилаҳо асосан барои харид кардани маводи озуқаворӣ, ашёҳои мавриди ниёзи аввалия, таҳсилоти фарзандон, барои сохтмон, таъмир, хариди манзили истиқоматӣ, мошин, ва ғайра сарф мегардиданд. Дар давраи пандемия маблағҳои интиқолдода инчунин барои харидорӣ кардани доруворӣ ва воситаҳои муҳофизатӣ аз коронавирус сарф мешуданд. Танҳо 13 фоизи мусоҳибон маблағҳои пасандоз доштанд ва маблағҳои мазкур барои аз сар гузаронидани пандемия дар зарфи то 6 моҳ ба онҳо кӯмак расониданд. Дар давраи пандемия дар мамлакати қабулкунанда 50 фоизи муҳоҷирони меҳнатӣ ҷойи кории худро аз даст доданд ва аз ҷумлаи онҳо ба 33,4 фоиз муяссар гардид,

ки ба ватан баргарданд. Дар давраи пандемия 41,1 фоизи оилаҳо кӯмакҳои гуногун дарёфт намуданд, ки ин кӯмакҳо асосан аз ҷониби ташкилотҳои давлатӣ ба онҳо расонида шуданд.

- Таҳқиқот нишон дод, ки дар давраи пандемия 30,2 фоизи аъзоёни оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бемор шуда буданд, ки 2 фоизи онҳоро кӯдакон ташкил медоданд. Барои дарёфти кӯмаки тиббӣ 63,1фоизи мусоҳибон ба муассисаҳои тиббӣ муроҷиат кардаанд. Қаноатмандӣ аз сифати кӯмаки тиббии аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ расидаро 40,6 фоизи мусоҳибон изҳор намуданд. Ба 40,1 фоизи оилаҳо маҷбур шуданд, ки аз муоинаҳои зарурӣ ва табобат бар асари гаронии нархҳо даст кашанд.
- Таҳқиқот нишон дод, ки 100 фоизи кӯдакон то паҳншавии пандемия ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои томактабӣ мерафтанд. Дар давраи пандемия 96 фоизи кӯдакон ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ намерафтанд, зеро ки дар ҷумҳурӣ дар давраи пандемия карантин эълон карда шуд. Дар давраи мазкур фақат 4 фоизи кӯдакон ба таҳсилоти фосилавии хонагӣ фаро гирифта шуда буданд. Кӯдакони он оилаҳое, ки волидони онҳо барои таҳсилашон маблағ пардохт менамуданд, қайд карданд, ки дар давраи пандемия маблағи ҳаққи таҳсил қимат нагардид, 80 фоизи кӯдакон изҳор намуданд, ки таҳсилоти босифати мактабӣ барои онҳо дастрас буд. Бар асари ба миён омадани эҳтиёҷоти нави оҷилӣ барои оилаҳо, 37,7 фоизи мусоҳибон маҷбур шуданд, ки маблағҳои хароҷотро барои таҳсилоти иловагии фарзандонашон сарфа намоянд. Дар давраи пандемия 47 фоизи кӯдакон аз тариқи машғулиятҳои дарсии телевизионӣ аз рӯйи фанҳои алоҳида истифода намебурданд, зеро ки дар бораи барномаҳои мазкур маълумот надоштанд.
- Дар маҷмӯъ, таҳлили маълумотҳо нишон дод, ки 92,6 фоизи оилаҳо дар давраи пандемия барои дарёфти кӯмаки ҳуқуқӣ муроҷиат нанамудаанд. Сабабҳои асосии барои гирифтани кӯмаки ҳуқуқӣ муроҷиат накардани оилаҳо чунин маънидод мегарданд: 63% - худашон медонистанд ки масъалаҳои кудаконро чӣ тавр ҳал намоянд; барои 5,7% ёфтани ҳуқуқшиноси касбӣ мушкил буд; 11,2% қайд карданд, ки намедонистанд ҳангоми зарурат ба кӣ муроҷиат намоянд, 4,2% қайд карданд, ки барои пардохти ҳаққи хизматрасонии ҳуқуқшинос маблағи пулӣ надоштанд. Таҳқиқот ошкор сохт, ки 74 фоизи пурсишёфтагон дар бораи мавҷудияти хизматрасониҳои ройгон ба аҳолӣ аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои инсон дар минтақаҳо намедонистанд.
- Бештари фарзандони мусоҳибон - 99,4% дар бораи COVID-19 иттилоъ доштанд. Паҳнкунандагони асосии маводи иттилоотӣ оид ба COVID-19 дар минтақаҳо радио, телевизион, шабакаҳои иҷтимоӣ ва марказҳои тиббӣ маҳсуб меёбанд. Зимни баррасии осебпазирии COVID-19 дастрасӣ ба ниқобҳо барои рӯй ва воситаҳои дизенфексионӣ барои дастҳо барои ашхосе мушкилот дошт, ки вазъи молиявии оилаҳои онҳо барои харидории маводи номбурда имкон намедод. Дар давраи пандемия 88 фоизи пурсишёфтагон худро афсурдахотир эҳсос менамуданд ва дар ҳолати рӯҳафтодагӣ қарор доштанд. Ин гурӯҳи шаҳрвандон ба тавонбахшии психологӣ эҳтиёҷ доранд.
- Пандемияи ҷаҳонӣ чорабиниҳои зиёди ҷамъиятиро қатъ намуд, иқтисодиётро боздошт ва ба раванди ҳаёти муқаррарӣ хеле таъсир расонид. Ин бесобиқа мебошад, махсусан барои насли ҷавон, ки дар бораи буҳронҳои ҳамсон фақат

дар китобҳои дадаии таърих хондааст. Оқибатҳои ин ҳатто баъди муяссар гардидани боз доштани вирус низ эҳсос карда мешаванд.

## 9. ТАВСИЯҲО

**Вазорати меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумхурии Тоҷикистон.**

- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд Стратегияи милли муҳоҷират ЧТ то соли 2030 таҳия намояд.
- Такмил додани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хизматрасониҳо ба муҳоҷирони меҳнатии баргашта ва аъзоёни оилаҳои онҳо дар соҳаҳои шуғл ва самти иҷтимоӣ зарур мебошад
- Ташкил кардани курсҳои кӯтоҳмуддат дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва марказҳои таълими калонсолон барои муҳоҷирони баргашта аз рӯйи касбҳои дар бозори меҳнати дохилӣ талаботдошта
- Оказание содействия на льготных условиях семьям мигрантам в связи с последствиями распространения «коронавируса» в трудоустройстве, ,выделения микро-кредитов, составления бизнес-планов, занятий малым и средним бизнесом, выделения земельных участков для работы в селе и т.д.

**Вазорти маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

- Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳоро дар самти татбиқи методи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва иттилоотонии хонандагоназ тариқи телевизионии машғулиятҳои дарсии фанҳои таълимӣ тақвият бахшад.
- Таъмини шароит ва дастрасии кудакони муҳоҷирон, ба таҳсилоти фосилави.

**Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**.

- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарӯр аст, ки мониторинг ва таҳқиқоти минбаъдаи вазъи солимии оилаҳо ва фарзандони муҳоҷирони меҳнатиро гузаронад.
- Таҳқиқот нишон дод, ки дар давраи пандемия бештари волидони кӯдакон худро афсурдахотир эҳсос менамуданд ва дар ҳолати рӯҳафтодагӣ қарор доштанд. Ин гурӯҳи шаҳрвандон ба тавонбахшии психологӣ эҳтиёҷ доранд. Дар вилоятҳои ҷумҳурӣ таъсис додани марказҳои тавонбахштии психологии волидон ва фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ.
- Ташкил кардани тренингҳои кӯтоҳмудат барои оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва саводнокии ҳуқуқӣ.
- Тақвият бахшидани корҳо оид ба паҳн намудани маводҳои иттилоотӣ дар бораи COVID-19 аз манбаҳои расмӣ дар байни оилаҳо ва фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҷамоаҳои онҳо. Чунин шуморида мешавад, ки иттилоотонии хуби аҳли ҷомеа барои боз доштани паҳншавии пандемия ва татбиқи сиёсати давлатӣ аҳамияти калон дорад.
- Ташкили курсҳои кӯтоҳмуддат барои оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ оид ба масъалаҳои солимӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ.

- Қабули санади меъёрии ҳуқуқии алоҳида дар бораи дастгирии иҷтимоии давлатии оила ва кӯдак дар ҳолатҳои хуруҷи эҳтимолии эпидемияҳо ва пандемияҳо;

**Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

- Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои иттилоотиро дар байни оилаҳо ва фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ расонидани кӯмакҳои ройгон ҳуқуқӣ ба онҳоро пурзӯр намояд

## ЗАМИМАИ 1. **Саволнома оид ба таъсири COVID-19 ба фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ**

| **А Ифодаи рамзӣ** | | |
|---|---|---|
| А.1. | Санаи гузаронидани мусоҳиба | |
| А.2. | Вақти гузаронидани мусоҳиба | |
| А.3. | Маҳали гузаронидани мусоҳиба (минтақа) | 1. ВМКБ.<br>2. Вилояти Суғд.<br>3. Вилояти Хатлон.<br>4. НТҶ.<br>5. Шаҳри Душанбе. |
| А.4. | Маҳали гузаронидани мусоҳиба (шаҳр, ноҳия) | 1. Бохтар.<br>2. Ваҳдат.<br>3. Ванҷ.<br>4. Ҳисор.<br>5. Душанбе.<br>6. Кӯлоб.<br>7. Мастчоҳ.<br>8. Нуробод.<br>9. Хӯҷанд.<br>10. Хоруғ.<br>11. Панҷ |
| А.5. | Оё мусоҳиб барои додани мусоҳиба розӣ аст?<br>Салом, номи ман ________ (Ном. Насаби мусоҳиба-кунанда). Ман ба Шумо якчанд саволро дар бораи Шумо ва оилаи Шумо, инчунин оид ба ҳар гуна тағйироте, ки бо Шумо ва аҳли оилаатон дар давраи пандемия ва дар айни ҳол рӯй додаанд, пешниҳод менамоям.<br>Мо хеле умедворем, ки Шумо бо мо ҳамкорӣ мекунед. Мусоҳиба қариб 40 дақиқа давом мекунад. | 1. Ҳа.<br>2. Не. (анҷоми мусоҳиба). |

| ***Б. Тавсифномаи демографӣ*** | | |
|---|---|---|
| | | |
| Б.1. | Ҷинси мусоҳиб | 1.Мард.<br>2. Зан. |
| Б.2. | Миллат | 1.Тоҷик.<br>2.Ӯзбек.<br>3.Рус.<br>4. Дигар __________ . |
| Б.3. | Синну сол | 1. Санаи таваллуди мусоҳиб __________ . |
| Б.4. | Вазъи оилавӣ | 1. Муҷаррад/Бешавҳар.<br>2. Зандор/Шавҳардор.<br>3. Бева/Бевазан.<br>4. Ҷудошуда/Талоқшуда.<br>5. Дигар ______________________ |
| Б.5. | Сатҳи маълумоти Шумо кадом аст? (сатҳи баландтарини маълумоти анҷомдода) | 1. Маълумот надорам.<br>2. Миёнаи нопурра (синфи 9).<br>3. Миёнаи пурра (синфи 11).<br>4. Маълумоти ибтидоии касбӣ.<br>5. Маълумоти миёнаи касбӣ.<br>6. Дараҷаи бакалавр.<br>7. Дараҷаи магистр.<br>8. Номзади илм.<br>9. олӣ<br>9. Курсҳои кӯтоҳмуддат |

| | | |
|---|---|---|
| | | 10. Дигар………………………… |
| Б.6. | Дар хонаводаи Шумо чанд нафар кӯдаки то синни 18-сола зиндагӣ мекунад? | |

**Б.7. Синну соли фарзандон**

| Гурӯҳи синнусолӣ | Теъдод | Ҷинс | | Кӯдакони дорои маъюбият | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Писар | Духтар | Писар | Духтар |
| То 1 - сола | | | | | |
| 1-4 - сола | | | | | |
| 5-9 - сола | | | | | |
| 10-13 - сола | | | | | |
| 14-17 - сола | | | | | |

| ***В. Муҳити оилавӣ ва нигоҳубини имконпазир*** | | |
|---|---|---|
| | | |
| В.1. | Оё дар оила кӯдаконе ҳастанд, ки онҳоро волидайн/муҳоҷирон таҳти парастории хешовандон вогузоштаанд? | 1. Ҳа.<br>2. Не. |
| В.2. | Шумо ба вазъи молиявии оила то ба хориҷа барои кор рафтани муҳоҷири меҳнатӣ чӣ хел баҳо медиҳед? | 1. Вазнин.<br>2. Миёна.<br>3. Хуб.<br>4. Дигар ________________________ |
| В.3. | Ба фикри Шумо, дар натиҷаи муҳоҷирати волидайн вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии фарзандон хуб шуд ё бад гардид? | 1. Бад шуд.<br>2. Андаке бад шуд.<br>3. Бисёр бад шуд. |
| В.4. | Оё муҳоҷири меҳнатӣ бар асари пандемияи COVID-19 ба хона баргашт? | 1. Ҳа.<br>2. Не. |
| В.5. | Оё муҳоҷири меҳнатӣ ба оила маблағҳои пулиро ирсол мекард? | 1. Ҳа.<br>2. Не. **Гузариш ба В6.** |
| В.5.1. | В5.1. Агар ҳа, дар як моҳ чанд бор? | 1. Як бор дар як моҳ.<br>2. Ду бор дар як моҳ.<br>4. Ҷавоб додан намехоҳам.<br>5. Дигар____________ |
| В.6. | Оё оила пасандоз дошт, ки барои паси сар намудани давраи пандемия кӯмак расонид? | 1. Барои рӯзгузаронии камтар аз як моҳ кифоя буд.<br>2. Барои рӯзгузаронии то 3 моҳ кифоя буд.<br>3. Барои рӯзгузаронии то 6 моҳ кифоя буд.<br>4. Пасандоз набуд. |
| В.7. | Оё аъзои дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарордоштаи оила дар натиҷаи пандемия корро аз даст дод? | 1. Ҳа.<br>2. Не. **Гузариш ба В8.** |
| В.7.1. | Агар ҳа, пас муҳоҷирон нақшаи ба Тоҷикистон баргаштанро доранд? | 1. Ҳа.<br>2. Не.<br>3. Аллакай баргаштаанд. |
| В.8. | Оё Шумо дар давраи пандемия ба фарзандонатон баромадан аз хонаро, ҳар гоҳ ки онҳо инро мехостанд, манъ мекардед? | 1. Ҳа.<br>2. Не. **Гузариш ба В9.** |
| В.8.1. | Агар ҳа, то чӣ андоза? | 1. Зуд-зуд.<br>2. Баъзан.<br>3. Гоҳ-гоҳ.<br>4. Дигар _____________________. |
| В.9. | Оё Шумо дар давраи пандемия муносибати ҷисмонии фарзандони худро бо дигар одамон маҳдуд кардед? | 1. Ҳа.<br>2. Не. **Гузариш ба В10.** |
| В.9.1. | Агар ҳа, то чӣ андоза? | 1. Зуд-зуд. |

| | | |
|---|---|---|
| | | 2. Баъзан.<br>3. Гоҳ-гоҳ.<br>4. Дигар ____________________. |
| В.10. | Талаботҳои ҷории худро дар робита бо вазъи баамаломадаи марбути пандемия номбар кунед. | 1. Нокифоягии маводи озуқаворӣ ва ашёҳои мавриди ниёзи аввал.<br>2. Масъалаҳои хусусияти равонӣ-иҷтимоидоштаи вобаста ба пандемия.<br>3. Қатъгардии интиқоли маблағҳо.<br>4. Нарасидани пул барои хариди доруворихои алоҳида.<br>5. Масъалаҳои солимии кӯдак.<br>6. Набудани имкони бо кор таъмин намудани волидон.<br>7. Набудани маблағ барои пардохти қарз.<br>8. Набудани маблағ барои пардохти таҳсил дар мактаб.<br>9. Дигар _______________________ |
| В.11. | Хонаводаи Шумо ё ягон нафаре аз хонаводаи Шумо дар давраи пандемия кӯмакро (пул, маводи озуқаворӣ, доруворӣ, маҷмӯи гигиенӣ ва ғ.) дарёфт кардааст? | 1. Ҳа, кӯмаки давлатиро дарёфт кардем.<br>2. Ҳа, аз ташкилоти ғайридавлатӣ/ҷамъиятӣ дарёфт кардем.<br>3. Ҳа, аз шахсони хусусӣ/оилаҳо ва / ё ширкатҳои хусусӣ дарёфт кардем.<br>4. Не, ягон кӯмакро дарёфт накардем. **Гузариш ба Г1.** |
| В.12. | Кадом намуди кӯмакро Шумо дарёфт кардед? | 1. Кӯмаки пулӣ.<br>2. Маводи озуқаворӣ.<br>3. Доруворӣ.<br>4. Воситаҳо барои пешгирӣ (дастпӯшакҳо, ниқобҳо, воситаҳои дезинфиксиякунонӣ ва ғ.).<br>5. Ашёи гигиенаи шахсӣ.<br>6. Не.<br>7. Ман намедонам. |
| В.13. | Шумо дар бораи кӯмаки расонидашаванда аз куҷо иттилоъ пайдо кардед? | 1. Аз кормандони сохторҳои давлатӣ.<br>2. Аз хешовандон, дӯстон, ҳамсояҳо.<br>3. Аз воситаҳои ахбори омма.<br>4. Аз шабакаҳои иҷтимоӣ (facebook, Instagram)<br>5. Дигар _________________________ |

| ***Г. Хизматрасонии заминавии тиббӣ*** | | |
|---|---|---|
| | | |
| Г.1. | Оё ба Шумо аз муассисаи тиббӣ ё пешниҳодкунандаи хизматрасонии тиббӣ дар бораи фаҳмидани вазъи саломатии Шумо ва фарзандони Шумо занг заданд? | 1. Ҳа.<br>2. Не. |
| Г.2. | Оё дар давраи пандемия узви оилаатон бемор шуд? | 1. Ҳа.<br>2. Не. **Гузариш ба Г7.** |
| Г.3. | Агар ҳа, кӣ аз аъзои оила бемор шуд? | 1. Падар.<br>2. Модар.<br>3. Фарзандон.<br>4. Дигар ______________________. |
| Г.4. | Барои дарёфти кӯмаки тиббӣ дар давраи пандемия ба куҷо муроҷиат кардед? | 1. Ба поликлиника.<br>2. Ба беморхона.<br>3. Ба духтури оилавӣ/минтақавӣ.<br>4. Ба духтури хусусӣ.<br>5. Ба ягон ҷо муроҷиат накардам. **Гузариш ба Г6**<br>6.Дигар ___________________ |

| | | |
|---|---|---|
| Г.5. | То кадом андоза Шумо аз сифати хизматрасонии тиббии дар давраи пандемия расонидашуда қаноатманд ҳастед? | 1. Комилан қаноатмандаам. **Гузариш ба Г8**<br>2. Қаноатмандам. **Гузариш ба Г8**<br>3. Бештар қаноатманд нестам.<br>4. Комилан қаноатманд нестам.<br>5. Дигар_______________ |
| Г.6. | Агар Шумо аз сифати хизматрасонии тиббӣ қаноатманд набошед, пас кадом ҷиҳати он Шуморо қаноатманд намекунад? | 1. Духтурон бар асари пандемия қабул намекарданд.<br>2. Аз ҷониби духтур/муассисаи тиббӣ дархости ман дар бораи ба хона омадану дидани фарзандам рад карда шуд.<br>3. Набудани муссисаи тиббии соҳавӣ.<br>4. Муносибати дағалонаи ҳайати тиббӣ.<br>5. Рад гардидани табобати фарзандам аз коронавирус.<br>6. Пулгирии аз ҳад зиёд.<br>7. Нокордонии духтурон.<br>8. Дигар __________________ |
| Г.7. | Барои харидорӣ намудани доруворӣ дар моҳи охир чӣ қадар маблағ сарф гардид? | 1.Тақрибан ______________ сомонӣ<br>2.Дар ҷавоб додан мушкилӣ мекашам.<br>3.Ягон маблағ сарф накардаам. |
| Г.8. | Оё ҳолате рӯй додааст, ки Шумо аз гузаронидани муоинаи зарурӣ ва табобат бо сабаби қимат будани онҳо даст кашидаед? | 1.Ҳа, аз муоинаҳои гароннарх даст кашидан лозим омад.<br>2.Ҳа, аз муолиҷаҳои гароннарх даст кашидан лозим омад.<br>3.Ҳа, аз доруҳои гароннарх даст кашидан лозим омад.<br>4. Ҳа, аз машваратҳои гароннарх дар беморхонаи пулакӣ даст кашидан лозим омад.<br>5.Не, чунин ҳолатҳо рӯй надоданд. |

| | | |
|---|---|---|
| ***Д. Таҳсилот ва дамгирӣ*** | | |
| | | |
| Д.1. | Кӯдаки Шумо дар кадом муассисаи таҳсилотӣ мехонад? | 1.Муассисаи томактабӣ.<br>2.Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ.<br>3.Гимназия.<br>4.Лицей.<br>5.Мактаби махсусгардонидашуда .<br>6. Дигар ___________________________ |
| Д.2. | Оё кӯдаки Шумо дар давраи пандемия ба муассисаи таҳсилотӣ мерафт? | 1. Ҳа.<br>2. Не. |
| Д.3. | Оилаи Шумо барои таҳсили як кӯдак дар муассисаи таълимӣ дар як моҳ ба ҳисоби миёна чанд сум пардохт мекунад? | 1. ____________________________ сомонӣ.<br>2. Ройгон. **Гузариш ба Д5.** |
| Д.4. | Оё дар давраи пандемия пардохти маблағ барои таҳсил зиёд шуд? | 1. Ҳа.<br>2. Не. |
| Д.5. | То чӣ андоза барои фарзандони Шумо таҳсилоти миёнаи умумии босифат дастрас мебошад? | 1.Амалан дастрас намебошад.<br>2.Бештар дастрас намебошад.<br>3.Бештар дастрас мебошад.<br>4.Пурра дастрас мебошад.<br>5.Намедонам.<br>6.Дигар _________________ |
| Д.6. | Оё дар давраи пандемия ба Шумо лозим омадааст, ки маблағи таҳсили фарзандонатонро сарфа кунед, зеро ки дигар талаботҳои нисбатан фаврӣ мавҷуданд? | 1. Ҳа, сарфакунӣ лозим омад.<br>2. Не, барои таҳсилот сарфа намекунем. |

| | | |
|---|---|---|
| Д.7. | Оё фарзанди Шумо ба таҳсили фосилавӣ/таҳсили хонагии аз ҷониби мактаб ташкилшуда дар давраи пандемия фаро гирифта шуд? | 1. Ҳа.<br>2. Не. |
| Д.8. | Оё фарзанди Шумо соҳиби таҷҳизоти шахсие ҳаст, ки онро метавонад барои пайвастшавӣ ва интернет истифода барад, ё ба он дастрасӣ дорад? | 1. Ҳа.<br>2. Не. |
| Д.9. | Оё фарзанди Шумо дар давраи пандемия аз компютер/планшет/смартфон ба таври мунтазам барои таълим истифода мебурд? | 1. Ҳа.<br>2. Не. |
| Д.10. | Оё фарзанди Шумо (фарзандони Шумо) дар давраи пандемия аз нусхаи телевизионии дарсҳои алоҳидаи фанҳои таълимӣ, ки онро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Телевизиони кӯдакон ва наврасон «Баҳористон» ташкил карда буд, истифода менамуд? | 1. Ҳа.<br>2. Не.<br>3. Мо дар бораи ин намедонистем. |

| ***Е. Хизматрасониҳои ҳуқуқӣ*** | | |
|---|---|---|
| | | |
| Е.1. | Оё дар давраи пандемия дар оилаи Шумо зарурат ба дарёфти кӯмаки ҳуқуқӣ пайдо шудааст? | 1. Ҳа<br>2. Не. Г**узариш ба Е4** |
| Е.2. | Барои дарёфти кӯмаки ҳуқуқӣ ба кӣ муроҷиат намудед? (2 ҶАВОБРО ИНТИХОБ КУНЕД) | 1. Ба мақомоти милиса.<br>2. Ба прокуратура.<br>3. Ба суд.<br>4. Ба шуъба оид ба ҳуқуқҳои кӯдак.<br>5. Ба машваратдиҳандаи ҳуқуқӣ.<br>6. Ба ташкилоти ҳифзи ҳуқуқ.<br>7. Ба шиносҳо.<br>8. Другое ____________________________ |
| Е.3. | Кӯмаки ба Шумо расонидашуда аз чӣ иборат буд? | 1. Кӯмаки ҳуқуқиро дар шакли машварат дарёфт кардам. **Гузариш ба Е5.**<br>2. Кӯмак дар шакли ҷамъоварӣ ва омодасозии ҳуҷҷатҳо. **Гузариш ба Е5.**<br>3.Кӯмаки ҳуқуқшинос ҷиҳати ҳимояи манфиатҳои худ дар мақомотҳои гуногун. **Гузариш ба Е5.**<br>4. Даъвати ҳуқуқшинос барои баррасии даъво дар мурофиаи судӣ. **Гузариш ба Е5.**<br>5.Дигар _______________________**Гузариш ба Е5** |
| Е.4. | Агар барои кӯмаки ҳуқуқӣ муроҷиат накарда бошед, пас барои чӣ? | 1. Худамон чӣ тавр ҳал кардани масъалаҳои худамонро медонем.<br>2. Барои пардохти ҳаққи хизматрасонии ҳуқуқшинос маблағ надоштем.<br>3. Ёфтани ҳуқуқшиноси касбӣ душвор аст.<br>3. Намедонистем дар ҳолати зарурӣ ба кӣ муроҷиат кунем.<br>4.Дигар сабаб ______________________ |
| Е.5. | Оё Шумо медонед, ки тамоми хизматрасониҳои кормандони ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони он ва қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ дар минтақаҳои мамлакат, инчунин Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутлақо ройгон мебошанд? | 1. Ҳа.<br>2. Не.<br>3. Дар оянда истифода мебарам. |

| *К. Чораҳои махсуси муҳофизат аз пандемияи COVID-19* | | |
|---|---|---|
| | | |
| К.1. | Шумо дар бораи COVID- 19 шунидаед? | 1. Ҳа.<br>2. Не. |
| К.2. | Шумо аз кадом манбаъ дар бораи COVID-19 хабар ёфтед? (АЗ 2 ҶАВОБ БЕШТАР ИНТИХОБ НАКУНЕД) | 1. Интернет /шабакаҳои иҷтимоӣ (facebook, Instagram).<br>2. Сомонаҳои расмии Ҳукуматӣ.<br>3. Радио/Телевизион/Рӯзномаҳо.<br>4. Хадамоти умумии эълонҳо/баландгӯяк.<br>5. Телефон (telegram, viber, whatsapp, ё зангҳо).<br>6. Иттиҳодия, дӯстон ва оила.<br>7. Марказҳои тиббӣ/Духтури оилавӣ.<br>8. СҒД/ Созмони ҷомеаи шаҳрвандӣ.<br>9. Дигар.<br>10.Дар бораи COVID-19 намедонам. |
| К.3. | Шумо дастрасии кофии ҳаррӯзаро ба об барои шинокунӣ, шустани либос ва дигар корҳои хонагиро доред? | 1 .Ҳа.<br>2. Не.<br>3. Ман намехоҳам ҷавоб диҳам. |
| К.4. | Шумо дастрасии кофии ҳаррӯзаро ба воситаҳои дезинфиксиякунии (тамизи) дастҳоро доред? | 1. Ҳа.<br>2. Не.<br>3. Ман намехоҳам ҷавоб диҳам. |
| К.5. | Шумо дастрасии кофии ҳаррӯзаро ба ниқобҳо барои рӯйро доред? | 1. Ҳа. **Гузариш ба К7**<br>2. Не. **Гузариш ба К6**<br>3. Ман намехоҳам ҷавоб диҳам. **Гузариш ба К7** |
| К.6. | Агар не, барои чӣ? | 1.Ниқобҳо дар дорухонаҳо фурӯхта намешаванд<br>2. Барои харидани ниқоби рӯй пул надорам.<br>3. Нархи ниқобҳои рӯй хеле қимат аст.<br>4. Ман намехоҳам ниқоби рӯйро пӯшам.<br>5. Ниқобҳои рӯй одамро аз COVID-19 ҳифз намекунанд<br>6. Дигар _________________ |
| К.7. | Шумо бар асари хабарҳо, хавфу хатарҳо ва маҳдудиятҳои вобаста ба коронавирус худатонро рӯҳафтода, афсурдаҳол ё ноумед эҳсос кардед? | 1.Умуман не.<br>2.Камакак.<br>3.Миёна.<br>4.Ниҳоят сахт.<br>5.Фавқулодда сахт. |
| Е.8. | Пандемия барои бо варзиш/машқҳои ҷисмонӣ машғул шудани фарзанди Шумо чӣ тавр таъсир расонд? | 1.Бештар бо варзиш дар табиат машғул мешавад.<br>2.Бештар дар хона бо варзиш машғул мешавад.<br>3.Кӯшиш мекунад, ки аз машқҳои гурӯҳӣ канораҷӯӣ кунад.<br>4.Дигар ба толори варзишӣ намеравад.<br>5.Камтар дар ҳавои кушод машқ мекунад/бас кард.<br>6. Бо варзиш/машқҳо машғул шуданро бас кард. |

**Ташаккур!**

# ЗАМИМАИ 2. САВОЛХО БАРОИ ФОКУС-ГРУХХО

Субҳ/рӯз ба хайр, номи ман ______________. Мо дар ЮНИСЕФ кор мекунем (агар дар бораи ЮНИСЕФ надонанд, мухтасаран маълумот додан). Мо инҷо барои ҳамин ҳузур дорем, ки ақида ва назари Шуморо оид ба таъсири COVID19 ба кӯдакон ва наврасон бифаҳмем. Ширкат дар ин муҳокима ройгон ҳаст ва Шумо вазифадор нестед, ки ба саволҳо ҷавоб диҳед. Шумо метавонед дар ҳар лаҳза муҳокимаро боздоред. Маълумотҳои шахсӣ кушода дода намешаванд ва иттилооти пешниҳодшуда ба таври номаълум таҳлил карда мешавад. Ақидаҳои Шумо арзишманд ва муҳиманд.

Мо метавонем сар кунем?

1. Мушкилоти асосии Шудо дар давраи пандемия чи гуна буданд? Оё шавқу завқи Шумо дар давраи пандемия тағйир ёфт? Ба фикри Шумо, кадом тарзи алоқа барои паҳн кардани иттилооти муҳим дар бораи COVID19 дар байни кӯдакон ва наврасон беҳтар амал мекунад?
2. Ба вазъияти молиявии Шумо таъсири COVID19 чӣ гуна таъсир расонид?
3. Чи тавр COVID19 ба Шумо таъсир расонид? Оё Шумо дар худ (ё ҳамсолон) ягон хел нишонаи кайфияти бад ё рӯҳафтодагӣ ва тағйирёбии рафторро дар давраи пандемия мушоҳида кардед? Агар ҳа, пас чи гуна?
4. Шумо дар давраи пандемия барои кӯмак ба кӣ муроҷиат кардед? Аз волидон, роҳбарони ҷамъиятҳо, роҳбарони дин, давлат ё созмонҳои ғайридавлатӣ дар давраи пандемия чӣ хел кӯмакҳо гирифтед, Шумо аз волидон, роҳбарони ҷамъиятҳо, роҳбарони дин, давлат ё созмонҳои ғайридавлатӣ дар давраи пандемия чӣ гуна кӯмакҳоро гирифтан мехостед?
5. Оё Шумо бар асари COVID19 корро сар кардед? Агар ҳа, дар куҷо, бо кӣ ва чанд соат дар як рӯз?
6. Оё дар давраи пандемия дар сари роҳи Шумо барои дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ монеаҳо вуҷуд доштанд? Агар ҳа, кадомҳо?
7. Оё Шумо дар давраи пандемия ба мактаб рафтанро қатъ кардед? Агар ҳа, пас барои чӣ?
8. **То чӣ андоза Шумо аз корҳои дар давраи пандемия анҷомдодаи давлат барои ҳифзи Шумо аз COVID19**